яктану муттаҳид бошанд»[1].

Дар ҳақиқат, халқи тоҷик маҳз бо ҳамин роҳ ҳаракат карда истодааст. Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, интихоботи Президенти кишвар дар асосҳои алтернативӣ ва раъйдиҳии тамоми халқ, қабули Қонуни асосӣ ва тағйироту иловаҳо ба он ба воситаи раъйпурсии умумӣ, ҳалли низоъи ҳарбию сиёсии ҳукумат бо мухолифин ба воситаи музокирот, гуфтушунид ва ҳамкорӣ дар Комиссияи оштии миллӣ, тақсими ҳукумат дар асоси формулаи 70+30, ҷалби аҳли ҷомеа ва аҳзоби сиёсии гуногун дар доираи Аҳдномаи ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон ба органи доиммоамалкунандаи он - Шӯрои ҷамъиятӣ, ба таври мунтазам ҷамъ омадани гуфтушуниди байни тоҷикон, муколамаи бардавоми дохилии тоҷикон, муколамаҳои устувори минтақавӣ бо иштироки ҳукумат, аҳзоби сиёсӣ, намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, намояндагони дину мазҳабҳои гуногун, ривоҷ ёфтани плюрализму гуногунандешии сиёсӣ ва низоми бисёрҳизбӣ, фаъолияти озоди шабакаҳои радио ва телевизионҳои мустақил, рӯзнома, маҷалла ва нашрияҳои озод, ислоҳоти пайвастаи сохтори Ҳукумат, хусусигардонии моликияти давлатӣ, ба вуҷуд овардани муҳити хуб барои ҷалби сармоягузорӣ, ба таври қонунӣ озод намудани маблағҳои шахсӣ ва хусусии шаҳрвандон аз назорати сахти давлатӣ, фаъолияти васеи зиддимонополии давлат, ислоҳоти соҳаи андоз ва ғайра барои боз ҳам васеъ ва амиқтар шудани демократикунонии ҷомеа шароити мусоид фароҳам оварданд.

Аз ин сабаб, муколамаҳои устувори минтақавӣ барои боз ҳам амиқтар гаштани доираи таъсири худ ба ҷиҳатҳои нав ба нави мавзӯи тавсияшуда машғул мешаванд, ки барои ба мардум фахмонидани давраи гузариши ҷомеа аз як сохти иҷтимоию сиёсӣ ба дигараш аҳамияти махсус доранд. Муҳокимаи чунин мавзӯъҳо, ки бештар ба мафҳумхои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дахл доранд барои кишваре, ки 98% аҳолии онро мусулмонон ташкил менамоянд, ва дар миёни кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ фақат дар ин ҷо ҳизби сиёсии исломӣ ба таври қонунӣ амал менамояд, хусусияти хоси худро дорад.

Чунин мавзӯъҳои интихобӣ барои мо инҳо буданд: 1) Давлат ва дин; 2) Худшиносии миллӣ ва худшиносии динӣ; 3) Озодии виҷдон ва амнияти миллӣ.

Вобаста ба таваҷҷуҳи иштирокчиёни муколамаҳо доир ба ин мавзӯъҳо баҳс намуда ба хулосае омадем, ки барои дарки нозукиҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии Қонуни асосӣ кори ташвиқотию тарғиботӣ хеле кам бурда шудааст. На танҳо шахсони оддӣ, балки шахсони соҳибмаълумот ва ҳатто соҳиби унвонҳои илмӣ ҳам баъзе аз мафҳумҳои Қонуни асосӣ чун дунявият, озодии виҷдон ва демократияро ба таври худ фаҳмида аз дарки моҳияти аслии ин мафҳумҳо хеле дуранд. Барои мисол метавон ба он ишора кард, ки дар шуури мардум демократия чун беназмӣ, дунявият чун атеизм, озодии виҷдон чун мафҳуми ахлоқии инсоф шарҳ дода мешуданд.

Бояд қайд кард, ки масъалаи интихоби мавзӯъ барои мо гарчанде дар

[1] Раҳмонов Э. Тоҷикистон: дах соли истиқлолият, вахдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷ. 2. - Душанбе: Ирфон, 2001. – С .124.

аввал мушкил буд, вале баъд маълум шуд, ки он хеле бомуваффакият будааст. Зеро ин мавзӯъ ва зермавзӯъҳое, ки аз он мебароянд, барои ҷомеаи Тоҷикистон дарди аслӣ буда, ба ҳассостарин торҳои аъсоби ҷомеа таъсир мерасонанд. Масалан, дар аввалин муколама зиддияти байни коммунистҳо ва диндорон хеле шадид буд ва барои ба хам наздик намудани онҳо корҳои зиёде анчом дода шуд. Дар ин кори барои мо нав интихоби афроди иштирокчии муколама, ки бояд шахсони босабру таҳаммул ва дорои ҷаҳонбинии васеи таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ, низоъшиносӣ ва равоншиносӣ бошанд, хеле душвориҳоро пеш овард. Аз ҳар як қишри ҷомеа ёфтани чунин як шахс ҳунару малакаи ташкилӣ, сиёсӣ ва равоншиносиро талаб мекард.

Дар баъзе мавридҳо ба муколама шахсони тундхӯй ва бесабру таҳаммул, камдонишу беташаббус низ ворид мегаштанд, ки минбаъд онҳо бо ёрии ҳукуматҳо ва роҳбарони аҳзоби сиёсӣ ва Кумитаҳои иттифоқҳои касабаи вилоятӣ бо дигар иштирокчиён иваз карда шуданд.

Масъалаи дарёфти нуқтаҳои ҳассоси минтақавӣ низ масъалаи хеле ҷиддӣ буд, зеро имкониятҳои иқтисодӣ барои дар тамоми ноҳияҳои Ҷумҳурӣ ташкил кардани чунин муколама иҷозат намедод. Аз ин рӯ, ҳафт Маркази асосии минтақавӣ - Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Кулоб, Қурғонтеппа, Рашт ва Панҷакентро интихоб намудани мо, ҳам сабабҳои иқтисодӣ ва ҳам далелҳои таърихию фарҳангӣ дошт. Ин Марказҳо таърихан дар ташаккули давлатдорӣ ва фарҳанги миллӣ нақши муассир дошта, марказҳои идорӣ, фарҳангӣ ва сиёсии Тоҷикистон низ мебошанд.

Барои мо таззодҳои ошкоро ва ниҳонии тарафҳо хеле равшан буд, зеро баъди ҷанги шаҳрвандӣ мувофиқи мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо қариб ҳамаи тарафҳоро хеле хуб медонистем, бо лидерҳои маҳаллӣ, этникӣ, динӣ ва ҳизбӣ алоқаи бевосита доштем, зеро дар роҳбарияти муколама маҳз тарафҳои гуногун бо хам омада буданд, то ба хотири дастгирии сиёсати вахдати миллӣ, таҳкими давлатдорӣ, эҳё ва рушди Тоҷикистон даст ба дасти ҳам дода кори мушахасеро, ки ҳукумат ба он вақту имконият надорад, анҷом диҳад, фазои холии сиёсӣ, иттилоотӣ ва фарҳангии минтақаҳоро пур намояд, шахсиятҳои намоёни баъди ҷанги шаҳрвандӣ аз сиёсат дилмондаро фаъол ва ба роҳи бунёдкорӣ ва созандагӣ равона созад.

Албатта, Консепсияи стратегии мо пешакӣ маълум буд. Он дар зина ба зина ҷамъбандӣ намудани таҷрибаи раванди сулҳи ҷомеа (ки дар ИМА истифода мешавад) ва таҷрибаи нодири сулҳофарии тоҷикон ифодаи худро меёфт. Маҳз ҳамин нуқтаро ҳамраиси Гуфтушуниди байни тоҷикон, профессор Ҳаролд Сандерс дар вақти даъвати роҳбарияти Кумитаи ҷамъиятӣ ба Амрико барои иштирок дар Конфронси байналмиллалии «Таҷрибаи гуфтушунидҳои давомдор дар чаҳон» (5-6 марти с. 2002) чунин иброз доштанд: «Ман ба шумо ҳанӯз дар Душанбе гуфта будам, ки бисёрии одамон мӯҳтоҷи таҷрибаи Шумоянд. Онҳо барои ҳамин ба Дейтон меоянд. Аз ин сабаб дӯстони тоҷик бояд вазифаҳоро тақсим намуда, чун устод оид ба таҷрибаи ҳар давраи Гуфтушунид ва муколамаҳо ба онҳо маълумот диҳанд!»

Дар ҳақиқат, муколамаҳои мо аз он муколамае, ки дар Амрико

мегузаранд, хеле фарқи ҷиддӣ доранд. Гарчанде усули гузаронидани муколамаҳо умумият доранд, вале хусусияти мавзӯи муколамаҳои тоҷикӣ тамоман дигар аст. Дар Амрико ҳадафи асосии гуфтугӯи давомдор тағйир додани низоъҳои нажодӣ, қавмӣ ва ҳалли масоли иҷтимоӣ мебошад. Дар Тоҷикистон бошад, ҳадафи гуфтугӯ ва баҳсҳои мо ёфтани шакли созиш оид ба масоили тезу тунди иҷтимоӣ-сиёсӣ ва идеологӣ мебошад, ки метавонанд ҷомеаро ба низоъ кашанд. Дар кишвари мусулмоние, ки гузаштаи коммунистӣ дорад, новобаста аз хоҳиши одамони алоҳида, масъалаи ба ҳам мувофиқ омадани чунин идеологияҳои ба ҳам муқобил ва хислатҳои иҷтимоӣ-тоталитарӣ ё мазҳабӣ- тоталитарӣ дошта дар радифи аввал қарор мегиранд. Вале дар баъзе минтақаҳо тезу тунд будани масоили этникӣ ва мазҳабӣ, дар дигаре ҳуқуқи аққалиятҳои миллӣ, динӣ ва забонӣ ба ҷои аввал мебароянд. Дар Тоҷикистон дар чанд соли охир новобаста аз тезу тунд будани масоили иҷтимоию иқтисодӣ, масоили ҳуқуқию сиёсӣ афзалияти бештаре доштанд.

Муколамаҳои минтақавии мо ҳамчун механизми дарёфт ва ҳаллу фасли масоили тезу тунди ба муносибати табақахои гуногуни аҳоли таъсири манфӣ расонанда пешниҳод шудаанд.

Аз дарк ва муайян намудани доираи таъсири ин масоил на танҳо барои иштирокчиёни муколама сабукӣ бармеомад, балки дар айни ҳол механизмҳою шеваҳои гуногуни ҳалли масоили мавҷуда ба воситаи органҳои давлатӣ, аҳзоби сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ба ҳаракат оварда мешаванд, ки дар охири кор ба фоидаи тамоми ҷомеа ва давлат хоҳанд буд. Махсусан, муносибати мо ба интихоби иштирокчиёни муколама худ метавонад сабаби дуруст гузоштани масъала ва ёфтани роҳи ҳалли он гардад, зеро иштирокчиёни муколамаи мо асосан шахсони рӯзгордида, аз мактабҳои кори ташкилию сиёсӣ гузашта, дар вазоифи масъули давлатию ҷамъиятӣ фаъол буда мебошанд ва ин муколама барои онҳо дар як вақт чун мактаби боло бурдани махорати касбӣ низ хизмат менамояд.

Муколамаи мо ва баҳсҳои мо аслан мактаби дарёфти созиши сиёсӣ мебошанд, ки барои пешгирӣ ё идора кардани низоъҳо пешбинӣ шудаанд. Беҳуда набуд, ки дар яке аз сӯҳбатҳо шахсе бо қотеъият гуфт: «Бигузор, мо бо ҳам сахт гап занем, вале мо гуфтугӯ дорем. Чун сухане барои гуфтугӯ намонад, пас хоҳ нохоҳ дигар воситаҳо - пеш аз ҳама зӯрӣ ва ҷанг барои ба мақсад расидан истифода мешаванд. Аз ин сабаб бигузор гуфтугӯи мо давомдор, устувор ва беохир бошад. Ҳар масоиле, ки тезутунд гардад мо бо маслиҳат ва созиш пеши онро гирем, на бо ба даст гирифтани яроқ». Ин аст таҷрибаи муколимаи мо, ки бо суханони дар соли 1997 гуфтаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонов тақвият меёбад.

Пас ғояи ваҳдати миллӣ, таҷрибаи сулҳи элитаи сиёсии Тоҷикистон аз тарафи мардум кабул шудааст ва мардум онро чун таҷрибаи ҳар яки худ, чун эҳсоси сулҳҷӯӣ, ватандустӣ ва миллатпарварии худ муаррифӣ мекунанд ва дигаронро низ ба ин роҳ талқин мекунанд. Мисоли равшани ин, таваҷҷуҳи хоси зиёиёни тоҷик ба масоили Афғонистон ва Қирғизистони ҳамҷавори мо буда метавонад.

Мутаасифона, ба назари баъзе аз муҳаққиқони таҷрибаи Тоҷикистон, инчунин сиёсатмадорону сиёсатшиносони дохилӣ чунин менамояд, ки баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ё қабули Қонуни асосӣ ва тағйироту иловаҳо ба он, дигар набояд оид ба масоили иҷтимоию сиёсӣ ҳарфе гуфт, зеро он гӯё чунин маъноеро медиҳад, ки дар Тоҷикистон ҳоло ноамнӣ вуҷуд дошта бошад ва дар ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонанд ба сулҳи Тоҷикистон бо назари шубҳа нигаранд.

Вале бояд таъкид намоем, ки ин шакли фаҳмиш аз ҳақиқат хеле дур аст, зеро аз технология ё шеваҳои сиёсии пешгирӣ ва идоракунии низоъҳо бехабар будани чунин муаллифонро нишон медиҳад.

Барои мо тоҷикон гуфтугӯ ва баҳсҳои ҷамъиятии бардавом бо чанд сабаб хеле аҳамиятнок мебошанд:

1. Гуфтушуниди байни тоҷикон барои бардоштани гомҳои дигари мо дар роҳи музокироти сиёсӣ мусоидат карда, дар амалӣ сохтани сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар нақши муҳиме бозида ва мебозад.

2. Ба иштирокчиёни музокироти расмии тоҷикон ҳам аз тарафи ҳайати ҳукумати Тоҷикистон, созмонҳои байналмилалӣ, ҳукумати ИМА ва Федератсияи Русия ва аз тарафи Иттиходи мухолифин таъсири Гуфтушуниди байни точикон, ки дар он намояндагони тарафҳои зикршуда иштирок мекарданд ё меморандумҳои онро дастрас мекарданд, пайваста эҳсос карда мешуд.

3. Новобаста аз мавкеи ҳукумат ва иттиҳоди мухолифини тоҷик, таҳлилгарон - иштирокчиёни Гуфтушунид дар натиҷаи баҳсҳои чандрӯза дар асоси созиш (консенсус) ба вазъияти иҷтимоӣ сиёсии Точикистон баҳои объективӣ дода муваффақият ва камбудихои равандҳои демократикунонӣ, амалӣ шудани қонунҳо, озодии сухан ва матбуот, низоми бисёрҳизбӣ ва гуногунандешӣ дар ҷомеа баҳо дода ба ҳукумат, ахзоби сиёсӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматии Тоҷикистон роҳҳои бартараф намудани онхоро дар шакли меморандум пешниҳод менамуданд.

Ҳамин тариқ, Гуфтушуниди бардавоми точикон дар муддати 10 соли охир ҳамчун омил ва ҳамчун шакли созиши қувваҳои гуногуни сиёсӣ, бидуни таъсири омилҳои дохилии сиёсӣ ба иштирокчиёни он дар равандҳои сиёсии Точикистон накши муҳиме бозидааст.

4. Созиш (компромисс) дар гуфтугӯ, арзонтарин ва осонтарин шаклу шеваи  амал мебошад ва чун заминаи қарорҳои ҷиддии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ метавонад хизмат намояд. Дар мавриди гуфтугӯ лидерҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, аҳзоби сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ақаллиятҳои этникӣ ва динӣ, шахсони гуногунақида дар атрофи як мизи гирд хамроҳи намояндагони олии ҳукуматӣ ё дар маҳалҳо бо роҳбарони органҳои ҳокимияти маҳаллӣ нишаста худро чун ҳамкорони баробарҳуқуқ эҳсос менамуданд. Шахрвандоне, ки барои онҳо тақдири давлат арзиши воло  дорад ва дар доираи  Қонуни асосӣ фаъолият мебаранд эҳсос мекунанд, ки принципи гуногунрангӣ ва гуногунандешӣ дар асоси ҳуқуқҳои баробар амалӣ мегардад.

5. Ҳар як минтақаи Тоҷикистон масоили иҷтимоӣ-сиёсӣ ва менталитети ба худ хос дорад, аз ин сабаб он чӣ, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ бо иштироки шахсони аввали ҳукумат, роҳбарони аҳзоби сиёсӣ, ТҒҲ ва зиёиёни пойтахт ҳал мегардад, наметавонад дар поён низ бо чунин муваффақият қабул шавад. Аз ин рӯ, ба назари мо вакти он расидааст, ки мавзӯи «Ҷомеа, давлат ва дин» дар ҳамаи сатҳҳо то дараҷаи ҷамоатҳо, мактабҳо, идораҳо ба гуфтугӯи умумӣ табдил дода шавад ва он сабаби пайдоиши шаклҳои нави гуфтугӯ, чустан ва ёфтани роҳи халли ҳазорҳо масъалаҳои дорои аҳамияти хурду реза гардида, бори масъулиятошон аз души ҳукумат ба пушти ташаббускорон ва сохторҳои чомеаи шаҳрвандӣ мегузарад.

6. Муколамаи минтақавӣ, ки агар бо дастгирии ҳукумат оҳиста-оҳиста ба гуфтугуи умумимиллӣ табдил дода шавад, инъикосгари тамоми мушкилоти ҷомеа ва дар як вакт механизми ҷустуҷӯи роҳи ҳалли ҳар гуна мушкилот хоҳад гашт. Ин гуфтугӯро ҳукумат метавонад бо такя ба соҳибкорон ва ташаббускорони маҳаллӣ низ амалӣ намояд.

7. Дар натиҷаи гуфтугӯи умумимиллӣ, ки мувофиқи формулаи «**аз низоъ ба созиш, аз созиш ба ҳамкорӣ ва аз ҳамкорӣ ба сӯи ваҳдат»** амал хоҳад кард, тамоми чомеа ба сӯи ягонагӣ (ваҳдат) ҳаракат намуда, ҳар гуна хизбҳо дар ҷомеа бе ягон зарари иҷтимоӣ, сиёсӣ ё иқтисодӣ пешгирӣ карда шуда, ҷомеаи шаҳрвандӣ мустаҳкам ва омилҳои рушди он фаъолтар мегарданд.

8. Дар гирди мизи Гуфтугӯ фикри хешро ҳамаи иштирокчиён метавонанд гӯянд, гарчанде, ки он метавонад бо фикри мақомот ё дигар иштирокчиён зид бошад. Гуфтугӯ, маҳз аз ин сабаб оинаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва афкори умум дар давраи муайян мебошад.

9. Дар гуфтугӯҳои давомдор тарсу ҳарос, нобоварӣ, нофаҳмӣ, шубҳа ва ғайраҳо на танҳо дар байни гурӯҳҳои гуногуни ҷамъият, балки дар ҳукумат низ аз байн бардошта мешаванд. Гуфтугӯи бардавом омили пурқуввати аз байн бурдани бегонашавии байни чомеа ва ҳокимият гашта ҳамчун маркази пешниҳоди дурнамои рушди босуботи ҷомеа мегардад. Гуфтугӯи давомдор ҳамчун духтури ташхисгаре мегардад, ки касалиҳои ҷомеаро ташхис дода, шеваҳои муолиҷаааашро нишон дода, онро ба роҳи рост ҳидоят менамояд.

10. Сулҳ барои ҳар хона, ҳар як ноҳия, ҳар як минтақа, барои Тоҷикистон ва барои Осиёи Марказӣ, ки мавқеи геостратегии он дар шароити ҳозира аз назари геополитикӣ хеле муҳим аст, сулҳи қитъаи Осиё ва тамоми чаҳон аст. Бинобар ин пешниҳод менамоям, ки дар Осиёи Марказӣ як Муколимаи давомдори Минтақавӣ созмон дода шуда, он ҳар сол ду бор дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Марказӣ гузаронида шавад. Ба он намояндагони ҳамаи қишрҳои чомеа, Мушовирони давлатии Президентҳои давлатҳои минтақа, аҳзоби сиёсии ин кишварҳо, намояндагони Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, Марказҳои таҳлилии назди Президентҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, намояндагони дин ва Созмонҳои ғайритиҷоратӣ ҷалб карда шаванд ва маводи ин гуфтугуҳо дар Марказҳои таҳлилӣ ҳаматарафа омӯхта шаванд. Ин беҳтарин ва муассиртарин роҳи ҳалли зиддиятҳо ва пешгирии низоъҳо дар Осиёи Марказӣ хоҳад буд.

*А.А.Шамолов*
*Ҳ.Зикиров*

# НАЗАРЕ БА АНДЕШАҲОИ ИҶТИМОИИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ ВА ИБНИ ХАЛДУН

Дар таърихи фалсафаи форсу тоҷик риҷоли бузурге ҳастанд, ки дар пешрафт ва рушду такомули фалсафаи ҷаҳонӣ саҳми боризе гузоштаанд. Ин нобиғагон тавассути андешаҳои бикр ва хоси хеш на танҳо поя ва мартабаи илми ҳикмати моро ба зинаҳои баланд бардоштаанд, балки тавонистаанд дар низоми тафаккури ҳикмати ҷаҳон масъалаҳои бунёдиеро матраҳ созанд, ки онҳо то имрӯз боиси моту мабҳут ва ҳайронии файласуфон гардидаанд. Он масъалаҳое, ки ҳакимони мо пешкаш сохтаанд аз маҳдудаи замонӣ берун ҷаста, аз асрҳои миёна то имрӯз масъалаҳои доғи фалсафии ҷомеаи башариро дар бар гирифтаанд. Ба иборал дигар, онҳо ғояҳое ҳастанд, ки дар ҳар давру замон ба дарди ҷомеаи инсонӣ мехӯранд ва ба хотири беҳбудии он равона гардидаанд.

Дар байни ин фарзонагон ҷой ва мақоми Абурайҳони Берунӣ ва Ибни Халдун хос буда, ҳикмати онҳо дар майлони баъдинаи фалсафаи башарӣ ва такомули он нақши сазоворе гузоштааст. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии андешаҳои онҳо метавонад ба равшанӣ моҳияти фалсафаи ин ду тан марди ҷаҳони ҳикматро барои имрӯзиён баён намояд ва ба бисёр масъалаҳои мубрами иҷтимоие, ки ҷомеаи тоҷикон баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ бо онҳо рӯ ба рӯ гаштанд, ҷавоби зарурӣ диҳанд.

Қобили тазаккур аст, ки дар илми фалсафа таҳлили муқоисавӣ дар кадом сатҳе набошад, яке аз роҳҳои муносиби таҳлил ва шарҳи моҳияти ҳар як андеша ва ҷаҳонбинӣ маҳсуб мегардад, зеро ин навъ таҳлил ё мутолиъа дастёри муфид ва муносибе барои дарки ягонагӣ ва тафовути низоми ин ё он мактаби фалсафӣ ва ҳакимону файласуфон мебошад. Дар робита ба ин мо кӯшиш намудем дар ин мақола заминаҳои шаклгирии андеша ва ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ ва Ибни Халдунро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Дар назари аввал таҳлили осори онҳо нишон медиҳад, ки андешаи ин ду мутафаккирро метавон инъикосдиҳандаи ҷудоиши тафаккури илмӣ ва динӣ пиндошта, онҳоро бунёдгузорони роҳи нави омӯзиш ва баррасии ҷомеа дар миёни дигар мутафаккирони форсу тоҷик донист. Зеро онҳо сарфи назар аз эътиқоди динӣ даст ба таҳқиқоти илмӣ ва таҷрубавӣ зада, ба натиҷаҳои хуб ноил гаштаанд. Ба иборати дигар, осору таҳқиқоти онҳо (таҳлили дақиқи илмии Абурайҳони Берунӣ аз ҷомеаи Ҳинди ҳамонвақта ва баррасиҳои илмии Ибни Халдун аз ҷомеаи Тунису Марокаш ва Андалус ва дар маҷмӯъ аз тамаддуни исломӣ) метавонад ҳамчун модели нави таҳқиқ ба баррасии назариявӣ ва таҷрубавӣ дар даврони ба даст овардани истиқлоли миллӣ ва давлатӣ истифода намуд.

Ба як нукта бояд таваҷҷӯҳ кард, ки таҳлили раванди тафаккур дар миёни

мутафаккирони даврони исломии форсу тоҷик бар асоси андешаи навгарой як маҷмуи масъалаҳои умдаеро барои муҳаққиқон матраҳ сохтааст, зеро тамаддун ва тафаккури исломӣ, ки тафаккур ва тамаддуни тоҷик қисми ҷудонопазири он маҳсуб мегардад, дар таърихи тафаккури башарӣ ба унвони андешаи ҳошия ва ғайриасосӣ пешниҳод ва муаррифӣ гардида, дар инкишофи ин ақида таҳқиқгарони давраи шӯравии тоҷик низ саҳми худро гузоштаанд ва онро «даврони тираву бефарҳангӣ» қаламдод менамуданд.

Илова бар ин, муҳаққиқони ғарбӣ ва атеистмаобони тоҷик тарҳи тафаккури исломӣ ва масъалаҳои марбут ба онро аз роҳи исрор бар баррасии тамаддуну тафаккури исломӣ, аз он ҷумла тоҷик дар чорчӯбаи таъиншудаи ғарбӣ даст зада, методологияи навишту коркарди осори онҳоро умуман мадди назар намегирифтанд. Ҳамин аст, ки андешаи мусулмонон дар тамаддуни ҷаҳонӣ, аз он ҷумла симои фарзонагон ва форстабороне чун Абурайҳон Берунӣ ва Ибни Халдун бо таваҷҷӯҳ ба мафҳумҳо ва дидгоҳи онҳо матраҳ гардида, камтар ба маҷмӯъаи андешаи онҳо ба унвони модел ё намунаи мустақилу ҷудогона таваҷҷӯҳ шудааст. Ин навъи баррасӣ худ боиси нофаҳмии моҳияти ҷаҳонбинии мутафаккирони мо гашта, проблемаҳои зиёди фикриро ба вуҷуд овардааст.

**Аввалан,** дар баёни андешаҳои Берунӣ ва Ибн Халдун бошад, бо вуҷуди ихтилофҳои гуногун боз бар он мӯътақид будаанд, ки гуё дар тафаккури динӣ ва андешаи илмии Абурайҳони Берунӣ ва Ибн Халдун фарқиятҳои ҷиддӣ вуҷуд дорад[1]. Гурӯҳе дигар бар он ақидаанд, ки гӯё байни Берунӣ ва Ибни Халдун тафовут ва зиддиятҳои зиёде вуҷуд дошта бошад. [2]

Ин навъ тарзи биниши андешаҳои мутафаккирони мо низ бар асоси ҳамон чаҳорчубаҳои фикрии мавҷуда, ки бештар дар такя бар фарқиятҳои тафаккури динӣ ва илмӣ ба вуҷуд омадаанд, сар задаанд. **Дуввум,** ин ки ҷаҳонбинӣ ва ғояҳои Берунӣ ва Ибни Халдунро ба таври ҷузъӣ мутолиа намуда, таваҷҷӯҳи камтаре ба умумияти андешаи ҳар кадоми онҳо доштаанд. Илова бар ин, ҳар кадом муҳаққиқ дар чаҳорчубаи ихтисосҳои маҳдуди худ даст ба таҳлили баъзе асарҳои онҳо заданд. **Севвум,** ин ки ин муҳаққиқон ва шароити ҷомеаи онҳо имконоти маҳдуде барои таваҷҷӯҳ ба тамаддуни исломӣ доштанд. Аз ин рӯ камтар касе аз ҷумлаи онҳо тавонистааст тасаввури дурусте аз андешаи ин ду мутафаккир пешниҳод намояд.

Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунии Хоразмӣ дар соли 362 (ҳ.қ.) дар шаҳри Хоразм чашм ба ҷаҳон кушода, дар соли 440 (ҳ.қ.) дар синни 82 солагӣ ҷаҳонро падрӯд гуфтааст. Ӯ ба яке аз хонаводаҳои оддӣ тааллуқ дошта, дар даврони кӯдакӣ ва ҷавонӣ ба таҳсили илм пардохта буд. Риёзиётро дар

[1] Ниг. :Кирабаев.Н.С. Социальная философия мусульманского Востока (эпоха средневековья). М.: Изд-во Университета дружбы народов,1987.- С. 152-166; Шариф М.Таърихи фалсафаи ислом.-Теҳрон:Маркзи нашри донишгоҳӣ,1365; Rabia M.The political Theori of Ibn Khaldun.- Leiden,1967 ва ғайраҳо.

[2] Ниг. Бациева С.М. Историко-социологический трактат Ибн Халдуна «Мукаддима». - М.,1965; Бедуины и горожане в «Мукаддима».Ибн Халдуна. -М., 1982; Политическое учение Ибн Халдуна. www.5 bjjov. ru.

назди Мансур ибни Алӣ ва ҳикматро дар назди Абдуссамад Ҳаким омӯхта, дар ин илмҳо аз устодони худ ба маротиб пеш рафта буд. Аз мадракҳои мавҷудаи таърихӣ чунин иттилоъ ба даст меояд, ки Берунӣ дар аввалҳои умри худ дар Хоразм зиндагӣ ба сар бурда, сипас чандин сол назди Шамсулмаолии Кобус ибни Вушмагир ба касби илм даст задааст. Вай дар байни солҳои 400–407ҳ.қ. дар Хоразм омӯзишу фаъолият намуда, аз соли 407 (ҳ.қ.) шурӯъ карда, наздики 13 сол дар Ҳиндустон машғули омӯзиши илм будааст. Дар натиҷаи ҳамин омӯзиш ва таҳқиқот вай китоби «Таҳқиқи Мол –ул -Ҳинд»-ро ба дасти чоп мерасонад.

Абдураҳмон Ибни Халдун бошад дар соли 1332 мелодӣ дар Тунис ба дунё омадааст. Хонаводаи ӯ аз номдортарин хонаводаҳои Марокаш маҳсуб мегашт, ки дар миёнаҳои асри ҳафтуми ҳиҷрӣ ба Тунис муҳоҷират намуда буд. Ибни Халдун дар марҳилаи аввали зиндагии хеш то синни 19 солагӣ дар назди падараш ва дигар устодони асри худ даст ба таҳсили илм мезанад. Ӯ ҳикматро дар назди Обилӣ ном яке аз файласуфони номдори замонааш фаро гирифта, дар шароити ошӯбҳои сиёсӣ ва ҷанги миёни давлатҳо, ҳамлаҳои муғулу барбарҳо, инчунин дигар таҳаввулоти иҷтимоӣ дар синни 25 солагӣ вориди фаъолиятиҳои сиёсӣ мешавад. Дар ин марҳила, ба Марокаш, Андалус, Баҷоя, Фос, Гренадо, Миср ва дигар кишварҳо сафар менамояд. Вай дар чилсолагӣ узлат пеша карда, тайи чаҳор сол китоби машҳури худро таҳти унвони «Ал – Ибар» нигошта, боқимонда умри хешро сарфи мутолиа, пажӯҳиш ва тадрису тасҳех менамояд. Вай дар соли 1406 дар шаҳри Қоҳира дунёро падрӯд гуфтааст.

Берунӣ ва Ибни Халдун бахши асосии таълифоти хешро ба илмҳои инсоншиносӣ ва иҷтимоӣ ихтисос додаанд. Онҳо бар хилофи тасаввури таърихнигорон, ки гӯё сирф муаррихини барҷастаанд ба тарҳи мустақили илми инсоншиносӣ, муайян сохтани мавзуву масъалаҳои иҷтимоӣ-инсонӣ пардохта, дар ниҳояти омӯзиши худ ба дидгоҳи тозае даст меёбанд.

Берунӣ дар байни 114 асару таълифоташ 17 – тои онро ба бунёдгузорӣ ва ташаккули илми инсонӣ - иҷтимоӣ бахшидааст. Китоби «Таҳқиқи Мол-ул-Ҳинд» ва «Осор ал- боқия»-и Берунӣ ба таври мустақим ба масъалаҳои мардумшиносӣ ва забоншиносӣ иртибот доранд. Берунӣ ба тарҳи ҷадиди табақабандии илмҳо пардохта, талош кардааст баҳсҳоеро дар заминаи таърих, ақидаҳои диниву мазҳабӣ, инчунин адабиёт пешкаш намояд. Аз ин рӯ, метавон Беруниро дар байни мутафаккирони форсу тоҷик ҳамчун асосгузори илми мардумшиносӣ муаррифӣ намуд. Вай дар атрофи таҳқиқи масъалаҳои мардумшиносӣ ба равиши илмӣ пардохта, дар ниҳоят дар таҳлили падидаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мақоми хоса пайдо менамояд.

Сарфи назар аз он ки ҷомеашиносӣ дар қарни нуздаҳ тавассути файласуфи фаронсавӣ ва асосгузори позитивизм Огюст Конт (1798-1858) бунёдгузорӣ шудааст, лекин аксарияти таҳқиқгарон Ибни Халдунро ба унвони

буёндгузори илми ҷомеашиносӣ муаррифӣ намудаанд.[1]. Воқеан Ибни Халдун тарроҳи мухтавои илми ҷомеашиносӣ буда, ба таври систематикӣ маҳқулаҳо (категорияҳо) ва равиши ин илмро баррасӣ кардааст, вале ӯ бунёдгузори ин илм махсуб шуда наметавонад, зеро кашфиёти илми ҷомеашиносӣ ва ё сотсиология, ки имрӯз онро мо меомӯзем ба Конт тааллуқ дорад. Ибни Халдун дар фасли нахустини китоби «Муқаддима»-и худ ба ҷойгоҳи илми «умрон» дар муқоиса бо илмҳои дигари асри худ ва таърифу баёни мавзуъоти он пардохта, ишора кардааст, ки вай нахустин касе аст, ки ба поярезии илми «умрон» пардохтааст, зеро гузаштагони ӯ аз ин илм огоҳ набудаанд. Ба ақидаи Ибни Халдун ба масъалаҳои асосии илми «умрон» бахшҳои зерин дохил мегарданд: давлатҳо ва хилофат, шаҳрнишинӣ, ҳунар ва иқтисод, инчунин дониш[2].

Ба ҳамин тариқ дида мешавад, ки ҳам Берунӣ ва ҳам Ибни Халдун дар низоми фалсафии хеш таърифу мафҳумҳо ва мақулаҳои дақиқеро аз илми «умрон» ва ё инсонӣ-иҷтимоӣ истифода намуда, бар он асос ба омӯзиш ва баррасии моҳияти инсон ва ҷомеаи инсонӣ пардохтаанд. Ин хусусияти баён ва тарзи ифода сабаби ҷудо сохтани онҳо аз дигар мутафаккирон гардида буд, лекин дар айни ҳол онҳоро дар як сатҳ ва мартаба қарор додааст. Ҳарду мутафаккир даъвои бунёдгузории илми ҷадид мекарданд, ки он илм илми инсонӣ-иҷтимоӣ буда, дар низоми Берунӣ забоншиносӣ ва мардумшиносиро дар бар гирифтааст, аммо аз нигоҳи Ибни Халдун бошад ҷомеашиносӣ ва фалсафаи таърихро дар худ гунҷонидааст.

Новобаста ба чунин дарки моҳияти илми инсоншиносӣ-ҷомеашиносии худ, дар низоми ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои фалсафӣ-иҷтимоии Берунӣ ва Ибни Халдун умумиятҳои муштарак хеле зиёд мебошанд. Ин умумиятҳо метавонанд дар заминаҳои шаклгирии тафаккури иҷтимоии онҳо, мутолиа ва таҳқиқ, инчунин методологияи таҳқиқи онҳо мавриди баррасӣ қарор гиранд. Заминаҳои шаклгирии тафаккури иҷтимоии Берунӣ ва Ибни Халдунро метавон ба сарчашмаҳои зерин тақсим намуд: заминаҳои фикрӣ, заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, таҷрибаҳои сиёсии ҳар ду мутафаккир, ангезаҳои фардии онҳо ва умумиятҳои (ягонагии) тамаддуни исломӣ.

Бо далели он ки Берунӣ ва Ибни Халдун ба як тамаддун ва як шароити фикрӣ-фарҳангӣ тааллуқ доштанд, онҳо таҳти таъсири назарияҳои ба ҳам хеле наздик қарор гирифтаанд. Тарҷума шудани осори Арасту ва Афлотун ва дастрас будани ин таълифот ба онҳо боиси таҳти таъсири амиқи фалсафаи Юнон қарор гирифтани ҳам Берунӣ ва ҳам Ибни Халдун гардида буд. Ба хусус, китоби «Сиёсат»-и Афлотун ба дидгоҳҳои фалсафиашон таъсири амиқе гузошт. Дар паҳлуи ин сарчашмаҳо осор ва андешаҳои Абунасри Форобӣ низ ба ин ду мутафаккир таъсири хоса доштанд. Баъд аз омӯзиши фалсафаи юнонӣ ва андешаҳои аҳли машшоияи Шарқ, аз он ҷумла Форобӣ, Сино ва ғайраҳо

---

[1] Raza H. Ibn Khajodun-Phijsopher and Phijosopher of History The Islamic Review. J1938. Е.Э.Бертельс. История персидско-таджикской литературы.- М., 1960. - С.95 ва ғайраҳо.

[2] Ниг.: Ибни Халдун. Муқаддима. Тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободи. Ҷ 1. – Теҳрон, 1332 (минбаъд: Муқаддима).

онҳо ба интиҳоди ин фалсафа пардохтаанд. Берунӣ дидгоҳи интиқодии хешро бар асари гуфтугӯҳои тулонӣ ва пурсишу посух ба ғояҳои Ибн Сино васеъ намуда, Ибни Халдун бошад зери таъсири мутафаккири бузург Муҳаммад Ғазолӣ, ба нақди ҳокимияти қатъии ақлӣ пардохтааст, ки ин худ аз канора гирифтани Ибни Халдун аз андешаҳои машшоиён дарак медиҳад.

Берунӣ ва Ибни Халдун дар қисмати зиёди илмҳои замони хеш дорои назариёти хоса буданд. Онҳо кӯшидаанд аз кашфиёт ва таълимоти нави худ дар илмҳои замонааш ҳамчун раҳнамои ҷадид истифода намоянд ва аз таҷрубаҳои ба даст овардаи худ дар масъалаҳои сиёсат, омӯзиши ҷамъият ва ғайра дар густариши маъориф бахра гиранд.

Сарфи назар аз он ки Берунӣ ҳамчун мутафаккири барҷастаи асрҳои чаҳорум ва панҷуми ҳиҷрӣ қамарӣ ва Ибни Халдун ба асри нуҳуми ҳиҷрӣ қамарӣ тааллуқ доштанд, лекин ҳардуи онҳо дар шароити нисбатан бо ҳам монанд зиндагонӣ мекарданд. Вале аз дигар ҷиҳат, Берунӣ дар даврони шукуфоӣ ва рушду такомули фарҳангу маорифи миллӣ ва исломӣ, аммо Ибн Халдун бошад дар даврони тадриҷан поён омадани сатҳи тамадуни исломӣ зиндагӣ мекарданд. Онҳо зимни он ки бо дигаргуниҳои дохилӣ ва берунии ҷомеаи даврони худ рӯ ба рӯ будаанд, дар айни ҳол аз ҷой ва мақоми тамаддуни исломӣ низ огоҳӣ доштанд. Берунӣ аз сабаби он ки дар дарбори Ғазнавиён хидмат менамуд, ҳамзамон аз таҳаввулоти дохилии ҷомеаи Ҳинд ва ҳаёти илмӣ ва фарҳангии он бохабар буд. Ӯ тайи сенздаҳ соли ҳузур дар Ҳинд бо тамаддуни он дар ҳолати мустақил рӯ ба рӯ гашта, чигунагӣ ва пешрафти онро мавриди баррасӣ қарор дода буд. Пайомади ин талошу ҷустуҷӯҳои мутафаккир китоби вай «Таҳқиқи мол-ул-Ҳинд» маҳсуб мегардад. Ибни Халдун бошад дар асри худ бо омилҳое чун ҳамла ва ғалабаҳои барбариҳо ва арабҳои шаҳрнишин, ҷанги миёни давлатҳои гуногун ва муҳимтар аз ҳама ҳамлаи муғулҳо рӯ ба рӯ гардида буд. Вай амиқан дарк намуда буд, ки тамоми ин омилҳо сабаби парокандашавии тадриҷии ҷомеаи исломӣ шуда буданд, зеро аз оғози асри панҷуми ҳ.қ. сар карда, қабилаҳои араб ба Мағриб хуҷум намуда, бар сокинони бумии он кишварҳо, яъне барбариҳо ғалаба карданд ва бештари минтақаҳои пешрафтаи он сарзаминро таҳти тасарруфи худ даровардаанд. Гузашта аз ин, дар нимаи аввали қарни 5 ҳ.қ. (саддаи ҳаштуми мелодӣ) дар Шарқу Ғарб ҷомеаи башарӣ шароити таназзули марҳилаи давлатҳоро ба вуҷуд овард.

Берунӣ ва Ибни Халдун дар осори хеш барои «таҳия намудани тарҳи таҳаввулоти дохилии» ҷомеа ва шароитҳои берунии он даст ба таҳлилу баррасӣ ва тарҳи падидаҳои ҷадиде бо номи «шароити ҷадид», «тағйирот», «таҳаввулоти бузург» ва ғайра задаанд. Онҳо дар асоси омӯзишу таҳлилу падидаҳои таҳаввул ва таъғйиротҳои асосӣ ва умда асосу решаҳои онро ба андозае мавриди мутолиа қарор дода ба густариши он ноил омаданд[1].

Бояд ин нуқтаро тазаккур дод, ки омӯзишу баррасиҳои масъалаҳои иҷтимоӣ ва инсонӣ аз ҷониби Берунӣ ва Ибни Халдун дар асоси омӯзиши

---

[1] Ниг.: Берунӣ А. Осор–ул-боқия. – Душанбе, 1990; Муқаддима.

воқеъиятҳои ҷомеа, таърих ва табиат ҳамчун айниятхои дорои ривояту асрор, инчунин кашфиётҳои ба даст овардаи худи онҳо дар раванди таҳлилу омӯзиши падидаҳои воқеъӣ асос ёфтанд. Аз ин рӯ, он иттилооте, ки аз назарияҳои иҷтимоӣ ба даст омадаанд, онҳо дар сурате эътибори илмӣ касб мекунанд, ки бо таҷруба, озмоиш ва мушоҳидаҳои айнӣ ва воқеии даврони онҳо мутобиқат дошта бошанд. Ба қавли Берунӣ «ман аз пазириши ҳақиқат аз ҳар манбае ки биёбам руйгардон нестам», вале дарёфти ин ҳақиқат ва тасдиқи дуруст ва мутобиқати он зарур ва ногузир аст. Дар робита ба ин пеш аз он ки фикри худро дар атрофи масъалаи мазкур баён созем, зарур мешуморем ақида ва ғояҳои ин ду мутафиккирро барои исботи он муқоиса намоем.

Чи тавре ки таҳлили осори Ибни Халдун нишон медиҳад вай сабаб ва иллати аслии инҳироф ва норасоии омӯзиши таърихи иҷтимоиро дар набудани далелҳои раднопазир ва воқеъӣ медонад. Дар паҳлуи ин вай надонистани кайфиятии татбиқи ҳолат бар воқеаро низ зикр кардааст. Ба андешаи мутафаккир ба сабаби он ки бо ном муаррихон хабарро бо найрангсозӣ ва риёкорӣ даромехтаанд, аз ин рӯ натавонистаанд илман ҳолати воқеии аҳволро нақл намоянд. Дар робита ба ин дар осори ин муаррихон моҳияти ҳолати хабар бар хилофи ҳақиқат ва воқеияти иҷтимоӣ омадааст. Аз ин лиҳоз Ибни Халдун изҳор менамояд, ки мутобиқат кардани иттилоот бо воқеъият роҳи аслии шинохти ҳақ аз ноҳақ мебошад. Фоидаи хабар низ дар он зоҳир мегардад, ки вай бо ҳолати воқеӣ чи гуна мутобиқат дорад[1].

Моиҳияти равишшиносии осори Берунӣ ва Ибни Халдун ва дидгоҳҳои муҳаққиқони осори онҳо ҳама аз эътиқод ба асли бартарияти илмӣ дар таҳқиқоташон шаҳодат медиҳад. Онҳо талош намудаанд то воқеъиятро ҳамон тавре, ки илм нишон медиҳад, баррасӣ кунанд. Берунӣ дар шинохти ҷомеаи Ҳинд бештар аз Ибни Халдун дида, таҳти таъсири ҷиддии арзишгузории динӣ қарор гирифтааст. Вале ӯ дар такя бар усул ва бунёди илмӣ исрор дошта, кӯшиш кардааст тасвири дақиқро аз таҳаввулоти ҷомеаи Ҳинд барои хонандагони худ пешниҳод намояд.

[1] Ибни Халдун. Муқаддима. - С. 5.

*З.М. Мадамиджанова*

# ПУТИ РАЗВИТИЯ СЕМЕЙНЫХ ТРАДИЦИЙ, ОБЫЧАИ И ОБРЯДЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Ученые - этнографы Таджикистана в последнее время наблюдают отход от традиционных комплексов и внедрение новых элементов в материальную и духовную культуру таджиков. Многие ритуалы и обряды выполняются лишь как дань прошлому, забылась их смысловая нагрузка и предназначение, т.е. для чего люди стали выполнять тот или иной обряд. В структуру обрядов, ритуалов вносились новые элементы, которые были характерны духу времени, обряды трансформировались, появлялись новые действия в их осуществлении, увеличивались затраты на проведение мероприятий, которые приводили к тому, что семья брала в долг большую сумму денег и на протяжении многих лет не могла вернуть их.

Нужно отметить, что процесс инноваций в сфере семейных традиций всегда был и будет, но нас должен волновать вопрос рационального подхода к выполнению наших традиций. Каждая семья, авлод должны разумно подойти к этому вопросу и по материальным возможностям проводить семейные мероприятия. Кстати, для выполнения многих ритуалов не требуется больших затрат, они всегда выполнялись на уровне семьи и авлода и красиво вписывались в обрядовую структуру семейного события. В последнее десятилетие наблюдались явления, которые в целом не были характерны для таджиков. Многие семьи стали все больше отходить от традиционного проведения мероприятий семейного цикла, вносить новшества, которые требуют вклада больших материальных затрат, времени и т.д. Это стало обременительно для любой таджикской семьи, поэтому правительство приняло решение об упорядочении традиций и обрядов, чтобы население более рационально подошло к своим затратам и сместило акцент с очень дорогих семейных мероприятий на решение проблем образования своих детей, улучшения жилищных условий и первоначальной поддержки молодой семьи.

На презентации Закона «Об упорядочении традиций и обрядов» Президент нашей республики Эмомали Рахмон сказал, что «обряды и традиции создавались веками и превратились в неотъемлемую часть нашей национальной культуры. Однако постепенно они были искажены и утратили свое подлинное значение и смысл». Как известно, главная цель данного закона – еще один шаг к решению проблемы бедности. Народ живет за чертой бедности, семья не может удовлетворить элементарных потребностей ребенка в получении образования, медицинской помощи.

При принятии закона о рациональном проведении семейных праздников ожидалось, что население сократит материальные расходы на мероприятия (подарки, отдарки, тукуз для невесты, подарки для жениха, большое количество

гостей на торжествах и т.д.), и этот процесс уже начался. В республике при всех органах местной власти были созданы постоянные комиссии по упорядочению традиций. Народ искренне поддержал реформу Президента и сегодня мы становимся свидетелями того, как быстро меняется структура расходов на семейные мероприятия. Но, к сожалению, наряду с рационализмом мы наблюдаем отказ или совмещение в исполнении многих элементов наших обычаев и обрядов, ритуалов семейных торжеств, которые украшают наши традиции и в целом являются элементами нашей древней культуры. В основном семейные традиции, имеющие глубокую этническую историю, на протяжении тысячелетий смогли сохранить и укрепить отношения между людьми внутри семьи, авлода и махали, воспитать человечность и гуманизм, передаваемые из поколения в поколение. Разрушение и нарушение этих обрядов может привести к потере культуры, к ожесточению, эгоизму и другим отрицательным последствиям в обществе. Поэтому мы должны стремиться к сохранению наших красивых традиций, обрядов, в противном случае их место могут занять нетрадиционные, чуждые нашему народу мероприятия.

В настоящее время все более усиливается интерес к конфессиональным аспектам национальных культур. Это вызвано изменением общественно-политической ситуации в стране, стремлением возродить духовные ценности этноса, его наследие. Конфессия воспринимается как неотъемлемая часть этнического мировоззрения, один из главных репрезентантов этноса, во многом определяющий его менталитет. Менталитет таджиков с устойчивыми обычаями, обрядами, традициями проходит через призму ислама, но вопрос, насколько глубоко проник ислам в жизнь народов, в частности таджиков, т.е. в каких формах он реально существует в их жизни, очень актуален для нас сегодня. Выявление первопричин возникновения того или иного обряда, взаимодействия ислама с доисламской культурой таджиков, при наличии довольно многочисленных исследований, описывающих структуру обрядов, обычаев, ритуалов, практически еще не произведено.

Взаимоотношения ислама и традиционной культуры являются очень трудной проблемой и в то же время очень важной, потому что ее рассмотрение открывает “окошечко” памяти в этногенез народа.

Общеизвестные черты исламской культуры проявляются в самых разных сферах жизни нашего народа. Но реалии сегодняшнего дня показывают, что далеко не все в культуре таджиков и других мусульманских народов сводится к нормам шариата. Если мы обратимся к духовной культуре таджиков, узбеков, казахов, кыргызов и т.д., то увидим, что, с одной стороны, некоторые нормы шариата так и не вошли в повседневную жизнь мусульман, а с другой – большинство обычаев, обрядов неодинаково проявляют исламское единство. Обычаи, обряды, воспроизводимые таджиками, не встречаются, например, у кыргызов, казахов, но встречаются у узбеков. Причина своеобразия культур различных мусульманских народов заключается в факторе времени принятия ислама, в неодинаковых

исторических условиях, в которых протекала их жизнь, и в различной по времени этнической истории каждого из них[1]. Многие исследователи материальной и духовной культуры таджиков[2], узбеков[3], казахов[4], кыргызов[5], туркмен[6] отмечают прочные домусульманские традиции, с которыми ислам сталкивался повсюду. Чаще всего они включались в религиозную практику и рассматривались как традиции мусульманские или не противоречащие исламу. Известно, что сохранению домусульманских обычаев и обрядов очень способствовал суфизм, который всегда осознавал себя как религиозное течение, стоящее выше ислама. Но в жизни народа, даже вне связи с суфизмом, сохранился мощный пласт домусульманских религиозных традиций. Эти традиции продолжают существовать, потому что не входили в противоречие с исламом.

В поведении людей, приверженных магии, бессознательно смешивалась архаическая языческая практика с установками ислама. Причем одно не противоречило другому. Ревностное исполнение молитвенных действий, направленных на контакт с силами природы, сводилось к обеспечению насущных потребностей человека, ощущавшего себя частицей природы. Вопреки теологической ортодоксии ислама народ не видел в своих увеселениях ничего противоречащего истинному благочестию. Традиционные обряды и суеверия, имеющие очень глубокие корни, отличались от книжного богословия видных мыслителей ислама, они впитали элементы анимизма, хтонических и иных культов. Создавался специфический тип сознания - религиозно-магический синкретизм, адаптировавший языческие празднества и приспосабливавшийся к официальным мусульманским догмам. Шел процесс адаптации древних верований и обрядов к новым требованиям. Мусульманские сказания о святых накладывались на языческие, зароастрийские обычаи, связанные с культами плодородия, древнейшие поверья представали в исламизированной форме, потому что распорядителями

---

[1] См.: Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. Т.11.- М.-Л., 1950.- С.161,188.

[2] См.: Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Вып.1. -Сталинабад, 1953; Семейный быт народов СССР. - М., 1990; Формирование новых семейно-бытовых отношений у народов Средней Азии. – Душанбе, 1972. -С. 50; Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. Т.44.- М.-Л., 1959; Моногарова Л.Ф.Семья и семейный быт // Этнографические очерки узбекского сельского населения. - М., 1969. -С. 183–198; Она же. Преобразования в быту и культуре припамирских народностей. - М., 1979. -С. 103–122.

[3] См.: Абрамзон С.М. К вопросу о патриархальной семье у кочевников Средней Азии. КСИЭ.Т.28.- М., 1954; Шаниязов К. Узбеки-карлуки. -Ташкент, 1964; Наливкин В., Наливкина М. Очерк быта женщины оседлого туземного населения Ферганы. -Казань, 1886; Задыхина К.Л. Узбеки дельты Амударьи. ТХАЭЭ. Т.1. -М., 1952.

[4] См.: Соколовский В.Г. Казахский аул. -Ташкент, 1926; Талыбеков С.Е. Общественно-экономический строй казахов в XVII–XIX вв. -Алма-Ата, 1959.

[5] См.: Васильева Г.П. Туркмены-нохурли. ТИЭ. Т. XXI. –М., 1954; Иомудский С.Н. О пережитках родового быта у скотоводов Западной Туркмении в XIX в.//Советская этнография. - 1962. -№ 4. -С. 55–56.

[6] См.: Джумагулов А. Семья и брак у киргизов Чуйской долины. -Фрунзе, 1960; Зеланд Н. Киргизы. Этнографический очерк. - Омск, 1885.

обычаев и обрядов выступали муллы и казии, обрамляя все молитвами из Корана.

В системе семейных традиций мусульманских народов большое место занимают торжества по случаю рождения ребенка, приобщения к мусульманской общине, т.е. « умме», – обряд обрезания, или инициация мальчика в мусульманскую «умму», брачно-свадебная обрядность, похоронно-поминальные обычаи и обряды. Многие ученые - этнографы, философы считают, что семейные традиции являются тем объектом исследования, где определяется ориентированность населения на этноспецифические черты в культуре. Таджики сохранили многие обряды, обычаи, которые имеют явно немусульманское происхождение, а более раннее. Характер семейных традиций таджиков включает много магической символики, магических действ продуцирующего, очистительного и апотропейного характера. Обряды весеннего, весенне-летнего циклов, возникшие в эпоху производящего хозяйства, были одинаково направлены на обеспечение обильного урожая, плодородия скота, благополучия людей – их здоровья и удачи в делах. Выявляется стадиальная близость у таджиков всех регионов земледельческой магии и аграрных культов[1], обрядов, направленных на приумножение скота, магии плодородия, магии ритуальной чистоты и благополучия в свадебной обрядности, форм почитания солнца и огня, священной воды и камней[2]. Это свидетельствует о глубокой древности пережиточных ритуалов.

История не стоит на месте. Проходят столетия и, наряду с устойчивой тенденцией сохранения традиционной культуры, мы обнаруживаем вкрапление новых элементов. В советский период в семейную обрядность таджиков вошли изменения социального и культурного порядка, но тем не менее старинные традиции живы и по сей день. Какие же традиции, обычаи, обряды являются мусульманскими и домусульманскими?

Обратимся, для примера, к брачно-свадебным церемониям. Это целый комплекс обычаев и обрядов, генезис которых связан с различными историческими эпохами.

Свадьба начинается с празднества в доме невесты. Кроме сватовства, предсвадебный церемониал включает переговоры об экономических условиях брака (калым, махр, приданое, затраты на свадьбу и т.д.) и заканчивается помолвкой, на которой окончательно закреплялась договоренность о браке и

---

[1] См.: Мухиддинов И. Обычаи и обряды припамирских народностей, связанные с циклом сельскохозяйственных работ//Древние обряды, верования и культы народов Средней Азии. - М., 1986; Он же. Земледелие памирских таджиков Вахана и Ишкашима. -М., 1975. Розенфель А.З. Материалы по этнографии и пережиткам древних верований таджикоязычного населения Советского Бадахшана. //Советская этнография. -1970. -№ 3. -С. 114–117; *Архив востоковедов при ЛОИВ АН СССР, ф. 121.*

[2] Басилов В.Н. Следы культа умирающего и воскресающего божества в христианской и мусульманской агиологии//Фольклор и историческая этнография. - М., 1983. -С.118–151; Андреев М.С. Материалы по этнографии Ягноба. -Душанбе, 1970.

последующей жизни молодых. Кульминацией обычно является обряд бракосочетания – “никох” – в доме невесты. Брачная ночь происходит в доме жениха. Мы не будем вдаваться в подробности свадебных обрядов и обычаев, это достаточно хорошо было исследовано в специальной литературе[1]. Мы проанализируем магические действия и смысловую нагрузку обычаев и обрядов свадебного комплекса.

Так, у таджиков в обрядовых действиях для обеспечения счастья, многочисленного потомства, добрых семейных взаимоотношений и ограждения от злых сил изобиловали символы древнеземледельческих домусульманских ритуалов.

Символом плодовитости исстари считались плоды граната, фрукты и ягоды (тут), фисташки, орехи, пророщенная пшеница, вареные яйца и т.д., которыми угощают, осыпают, одаривают брачующихся. Символом счастья и богатства, согласия, плодовитости и вообще жизненных сил, а также охранительной магии выступает зеркало, в которое смотрятся перед брачной ночью жених и невеста. Ту же роль играют виноградный сок, мед, сахар, мука, деньги, иногда масло и молоко.

Большое значение придается магии чисел и цвета. При дарообмене, закрепляющем родственные отношения, полагается определенное число лепешек, слоеных пирожков и т.п. Обязательно белого цвета должны быть пояндос, рубашка жениха и нижнее платье невесты.

Для ограждения от злых чар жениха и невесту окуривают дымом руты (испанд), проводят через факельное шествие. Тем же целям служат скачки вокруг свадебного поезда, стрельба, прошивание иглой одежды жениха и невесты. Символика земледельческого комплекса проявляется в виде осыпания сладостями, обрядовым печеньем.

В доме молодого обычно выполняются обряды приобщения новобрачной к роду мужа через принесение жертв очагу, поклонение его предкам. Таким образом, в свадебной символике таджиков отчетливо отражен хозяйственно-культурный тип земледельца.

В данной статье мы намерены проанализировать пока один обряд семейного цикла - «рубинон», показать историю этого обряда, ареол его распространения. Всем известно, что познавая глубже свои традиции, мы будем бережно относиться к ним.

Свадьба включает в себя все своеобразие обрядовой символики. Самым ярким примером является обряд «рубинон», который происходит на следующий день после приезда новобрачной в дом мужа. К новобрачной подходит мальчик, и

---

[1] Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков; Мухиддинов И. Современная сельская семья таджиков//Материалы к серии “Народы Содружества Независимых Государств”. Вып. VII. Таджики. Ч. 1. -М., 1992; Ишанкулов Х.Г. Брак и свадьба у населения Ходжента в новое время. - Душанбе, 1972.

веточкой плодового дерева, подняв лицевую занавеску, открывает ей лицо. На эту церемонию приходят все родственники новобрачного с подарками. Каждая из пришедших женщин знакомится с новобрачной, целует ее в лоб и преподносит подарки "за смотрение лица": отрезы ткани, платки, деньги, браслеты. Первой подходит к новобрачной мать мужа. Невестка кланяется ей в пояс. Все присутствующие желают семье новобрачного благополучия с приходом нового члена. Новобрачная каждую гостью встречает и провожает особым поклоном. "Рубинон" сопровождается угощением, песнями, плясками. Из подаренных кусков материала женщины делали куклу, заворачивали ее и качали как ребенка, затем передавали новобрачной, и она должна была спеть колыбельную. Невестке подпевал маленький мальчик, который открывал ей лицо: "ала, ала".

социальные катаклизмы. Он состоит из тех, кто сделал судьбу собственными руками и, следовательно, заинтересован в сохранении того строя, который предоставил такие возможности. Средний класс разводит два противоположных полюса - бедных и богатых, и не дает им столкнуться. Чем тоньше «прослойка» среднего класса, тем ближе друг к другу полярные точки стратификации, тем вероятнее их столкновение. И наоборот.

Средний класс – самый широкий потребительский рынок для мелкого и среднего бизнеса. Чем многочисленнее этот класс, тем увереннее стоит на ногах малый бизнес. Как правило, в средний класс как социальную основу общества входят те, кто обладает экономической независимостью, т.е. владеет предприятием, фирмой, офисом, частной практикой, своим делом, ученые, священники, врачи, адвокаты, средние менеджеры, мелкая буржуазия и т.д.

И пока о формировании в стране нового среднего класса как устойчивого ядра общества, которое достаточно обеспечено, в основном довольно условиями жизни и поэтому может служить залогом социальной стабильности, говорить не приходится.

В Таджикистане, до реформы, использование ресурсов власти, представляемых профессионализацией, было ограничено. Профессии функционировали внутри основных бюрократических организаций. Многие профессии к тому же находились в зависимом отношении к доминирующей идеологии. С переходом к новым формам общественных отношений, в частности к рыночной экономике, социальная база для формирования среднего класса не создана. В структуре ресурсов власти вместо профессионализма преобладает регионализм и прочная бюрократия, неспособная эффективно решать механизмы формирования рыночных отношений. Поэтому в Таджикистане становление среднего класса определяется перспективой формирования профессий как социального института, связанного с развитием предпринимательства, малого и среднего бизнеса. Социальные интересы ядра новых групп среднего класса не находятся в противоречии с интересами капитала. Прежде всего, они стремятся сохранить значение умственного труда. Но в этом отношении их интерес согласуется с тенденцией капиталистического развития.

Для формирования среднего класса помимо социально-экономических предпосылок (характера экономической активности) необходима совокупность определенных стереотипов поведения, установок, систем ценностей, а также самоорганизация как общности. Но в условиях малоэффективности экономических реформ в Республике Таджикистан происходила переориентация основной части населения, направленная на выживание. Поэтому индивидуальная трудовая деятельность в сфере производства снизилась. Мелкий бизнес сосредоточился в сфере перепродажи купленных либо в магазинах и на фабриках товаров массового потребления, либо товаров иностранного производства, привезенных фирмами, «челноками» и т.д. Мало кто из новых «капиталистов» стремится вкладывать свои средства в развитие производства, в основном они выжимают прибыль из сферы

обращения, используя искусственно завышенный курс доллара по отношению к национальной валюте, без учета процесса производства.

Тот факт, что население держит свои сбережения в американской валюте, объясняется тем, что курс национальной валюты неустойчивый и имеет тенденцию к снижению. Для стабильности курса национальной валюты государством не создана социально – экономическая база. Не имея экономической основы, национальная валюта искусственно регулируется на внутреннем рынке, который создает условия для обогащения отдельных коррумпированных структур в обществе. В результате денежные средства не могут вкладываться в развитие малого и среднего бизнеса, и это становится одной из основных причин отставания мелкотоварного производства.

Таким образом, общая черта среднего класса проявляется в его «серединности» положения в социальной стратификации, которая способствует предотвращению коррупции. В Таджикистане она проявляется в специфических формах, в частности, это большая общественная потребность в стабилизирующем воздействии среднего класса, что связано с большой конфликтностью общества. Формирующийся средний класс может стать новой, причем конструктивно действующей «прослойкой» как между народом и властью, так и между борющимися политическими группировками, потому что социальное положение среднего класса обуславливается объемом дохода, власти и прав, которые отличают его представителей от наемных рабочих «снизу» и от крупных собственников и правящей политической элиты «сверху». Причем экономический подъем среднего класса возможен при повышении его политического статуса.

*Ҷ. Ахмедов*

# ОМИЛҲО ВА МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ БИСЁРҲИЗБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Яке аз рукнҳои асосии ҷомеаи демократӣ низоми бисёрҳизбӣ мебошад, ки барои гуногунандешӣ ва амалӣ гаштани иродаи табақаҳои гуногуни ҷомеа, плюрализми сиёсӣ, пешгирӣ намудани хатари режими тоталитаризм замина фароҳам месозад. Дар давлати ҳуқуқбунёд раванди ташаккули сохторҳои давлатии зинаҳои гуногун бояд барои ҳар як шаҳрванд дастрасу шаффоф бошад. Дастрасию шаффофият тавассути иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар аз тариқи ҳизбҳои сиёсии қонунан амалкунанда сурат мегирад. Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи демократиро интихоб кардааст, системаи бисёрҳизбӣ ба вуҷуд омадааст ва заминаи воқеии онро рафти тараққиёти худи ҷомеа, аллакай аввали солҳои 90-уми асри XX гузошта буд.

Аз тарафи Шӯрои Олии Иттифоқи Шӯравӣ соли 1989 ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи СССР, хориҷ карда шудани моддаи 6- и Конститутсия, ки асосҳои ҳуқуқи нақши роҳбарикунанда ва пешбарандаи ҳизби коммунистиро дар ҷомеъа муқаррар менамуд, расман моҳи январи соли 1991 оғоз шудани ба қайдгирии давлатии хизбҳои сиёсӣ дар мамлакат, ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди демократикунонии ҷомеъа ва ташаккули системаи бисьёрҳизбӣ заминаи боэътимод гузоштанд.

Маҳз пас аз иҷлосия дар ҳаёти сиёсии мамлакат марҳилаи нав -марҳилаи таъсис, номнавис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ оғоз ёфт.

«Дар ҷумҳурӣ аллакай 3 ҳизби сиёсӣ фаъолият мекарданд, аз ҷумла:

а) Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, ки декабри соли 1924 ташкил шуда, 4 декабри соли 1991 мухторияти худро эълон намуд ва 17 марти соли 1992 дар Вазорати адлия номнавис шуд.

б) Ҳизби демократии Тоҷикистон, ки 10 августи соли 1990 таъсис ёфта, 21 июни соли 1991 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал ва 3 декабри соли 1991 такроран номнавис гардидааст.

в) Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, ки 27 октябри соли 1990 дар анҷумани муассисон таъсис ёфта, 4 декабри соли 1991дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст»[1].

Умуман, дар ҷумҳурӣ дар соли 1991 ҳамагӣ «136 иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои оммавӣ расман дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шуда буданд»[2].

---

[1] Тоиров А., Бернар Руо, Мухторов М. Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон .- Душанбе, 2006. С. 125, 249, 313.

[2] Назриев Д., Сатторов И. Республика Таджикистан: История независимости. 1992 (хроника событий) Том II. – Душанбе, 2005.- С. 663.

Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барқарор намудани сохтори конститутсионӣ, ҳокимияти иҷроия ва судӣ дар ташаккули минбаъдаи раванди демократикунонии ҷомеъа марҳилаи нав ба ҳисоб меравcovered.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов, ҳанӯз соли 1993 аҳамияти иҷлосияро дар барқарор намудани сохтори конситутсионӣ ба сифати рӯйдоди сарнавиштсози миллат муайян намуда, таъкид карда буд, ки он «дар ҳаёти кишвар гардиши куллиро ба вуҷуд овард»[1].

Ба шарофати роҳи муайяннамудаи иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ -халқи Тоҷикистон эъмори ҷомеаи навин, бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро ҳадафи асосии худ қарор дод. Зимни суханронии нахустини хеш ҳамчун сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонов дар иҷлосия иброз намуда буд, ки тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд»[2] мебошад ва «ҳукумат ба рушду такомул ва густариши арзишҳои демократӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа кӯмаки худро дареғ намедорад»[3].

Аз ин лиҳоз, моҳи марти соли 1993, раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистони бо Қарори худ «Дар бораи тадбирҳои ташкил ва таҳияи консепсияи сохтмони давлатию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» коммисияи кориро оид ба таҳияи консепсияи мазкур таъсис дод. Қарор аҳамияти кори дар пешистодаро муайян намуд ва аз ҷумла ба он ишора дошт, ки «таҳияи консепсияи сохтмони давлативу ҳуқуқӣ барои тартиб додани лоиҳа таъҷилан қабул шудани Конститутсияи нави Ҷумҳурии Точикистон замина тайёр мекунад, ки он барои ноил гардидан ба сулҳ ва ризоият дар давлат, махсусан муҳим аст»[4].

Марҳилаи нави ташаккули раванди демократикунонии ҷомеаи кишвар бо қабули Конститутсияи (сарқонун) нахустини Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон алоқамандии зич дорад.

Хотима ва барҳам додани оқибатҳои ҷанги гражданӣ, таъмини оромиву осудагии мардум, расидан ба ваҳдат, барқарор намудани иктисодиёти миллӣ, гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ва таъмини фаъолияти мӯътадили дастгоҳи давлатӣ, набудани қонунҳои мувофиқ ба шароити замон, ноқисии онҳо ва мавҷуд набудани як низоми мукаммали қонунгузории Ҷумҳурӣ бо тамоюлоти комилан нави инкишофи ҷамъиятиву сиёсии кишварамон, барпо намудани муносибатҳои мукаммали байналхалқӣ қабули Конститутсияи наврo тақозо мекард.

Маҳз бо назардошти ин омилҳои айниву зеҳнӣ аввал 10 декабри соли 1992, баъдан моҳи ноябри соли 1993 гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия таъсис дода шуд.

6 ноябри соли 1994 лоиҳаи Конститутсия аз тариқи раъйпурсии

[1] Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ1. – Душанбе, 2001. - С. 149.
[2] Раҳмонов Э. Баромад дар сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Точикистон.. - Хуҷанд, 1992.
[3] Раҳмонов Э. Тоҷикистон: ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон, 2001. - С.17.
[4] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1993. - №5-6. – С. 21-29.

умумихалқӣ қабул гардид, ки онро 87% аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ намуданд.

Аввалин маротиба дар таърихи кишвар Сарқонун имконияти инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъиятиро дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ эълон кард ва ҳуқуқи шаҳрвандонро дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иштирокашонро дар фаъолияти онҳо кафолат дод. Мувофиқи модаи 8 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд.

Ҳамчунин «...таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст»[1].

Хулоса, аввалин маротиба ҳуқуқи асосии сиёсии шаҳрвандон дар Қонуни асосии мамлакат расман эътироф карда шуд, ки моҳияти асосии он ташаккулёбии низоми бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст асосҳои ҳуқуқии таъсис, фаъолият, ҳуқуқу уҳдадориҳо, тартиби барҳамдиҳии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ, алалхусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (23 майи соли 1988 қабул гардидааст) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (13 ноябри соли 1988 қабул гардида аст) муқаррар карда шуданд. Маҳз бо қабули чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ-асосҳои конститутсиониву қонунии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба таври расмӣ эътироф карда шудаанд.

Хусусияти хоси марҳилаи мазкур ин таъсисёбии ҳизбҳои сиёсӣ бо назардошти манфиатҳои табақаҳои алоҳидаи аҳолӣ мебошад.

10 декабри соли 1994 партияи халқӣ таъсис дода шуд, ки баъдтар 27 июни 1997 дар анҷумани сеюми ҳизб ба Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои тараққиёти иқтисодӣ, (партия экономического возрождения) ҳизби ягонагӣ ва ташаккул (партия единства и созидания) далели равшани нуқтаи назари дар боло баёнгардида ба ҳисоб меραванд.

**Марҳилаи нави ташаккулёбии системаи бисёрҳизбӣ** - марҳилаи густариши ҳамкории ҳизбҳои сиёсӣ бахри таҳкими раванди демократӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳалли масъалаҳои муҳими сиёсӣ иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Он 9 марти соли 1996 боз аз ҷониби 30 ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо иштироки сарвари давлат ва Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шудани «Ахдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» ва

[1] Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2003. - С.9.

дар заминаи он таъсис ёфтани Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон оғоз шудааст. Бо гуфтаи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон «... баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон тавассути ба имзо расидани аҳдномаи мазкур бори аввал, сарфи назар аз ақида ва мавқеи гуногуни сиёсӣ барои ба даст овардани муттаҳидию ягонагии сиёсии мардуми кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда шуд» ва ин ҳуҷҷат дар «... таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати умумимиллӣ нақши муҳим бозид»[1].

Рӯзи 27-уми июни соли 1997 дар натиҷаи гуфтушуниду баҳсҳои тулонӣ дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, аз ҷониби роҳбари давлат Раҳмонов Э.Ш. ва собиқ сарвари иттиҳоди неруҳои мухолифини тоҷик С.Нурӣ ба имзо расид. Маҳз ташна ва талабгори сулҳ будани тарафҳо имкон дод, ки онҳо ба ҳамдигарбахшиву гузашт кардан, манфиатҳои милливу давлатиро аз манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ боло гузоранд.

Бо ин иқдом барои ба мувофиқа овардани қувваҳои солими ҷомеа - ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои мардумӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ташкилотҳои динӣ заминаи мусоид ба вуҷуд оварда шуд. Бояд таъкид намуд, ки аломати дигари марҳилаи мазкур дар ҳамон вазъияти барои Тоҷикистон мураккаб таъсис додани як институти нодири ҷамъиятӣ, имзо ва минбаъд татбиқ шудани «Аҳдномаи ризояти ҷомеаи Тоҷикистон» мебошад, ки таҷрибаи аввалин ва дурандешона дар миқёси кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба ҳисоб меравад.

**Марҳилаи минбаъда ташаккулёбии раванди демократикунонии ҷомеа -** моҳи сентябри соли 1999 баъд аз ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз меёбад, ки он ба тарзи куллӣ статуси конститутсиониву ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ ва парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дигаргун намуд ва низоми думаҷлиси ҷорӣ карда шуд. Дар ин давра бори аввал дар таърихи давлатдории тоҷикон имконияти иштироки тамоми ҳизбҳои сиёсии расман амалкунанда дар интихоби мақоми олии қонунгузории мамлакат пайдо шуд. Интихоботи соли 2000 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст дар асоси плюрализми сиёсӣ, яъне бо иштироки якчанд ҳизбҳои сиёсӣ баргузор гардид.

Тибқи тағйироту иловаҳои ба Конститутсия воридшуда, дар парлумони касбӣ аз 63 нафар вакилон 22 нафар ё худ 35 фоиз мувофиқи рӯйхатҳои ҳизбӣ интихоб мешаванд ва дар интихобот се ҳизби сиёсии аз 5 % зиёд овоз гирифта, намояндагонашон ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд. Аз ҷумла, Ҳизби халқӣ - демократии Тоҷикистон 15, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон 5 ва Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон 2 ҷойро дар парлумон соҳиб шуданд.

Ҳоло дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони 3 ҳизбҳои сиёсии мамлакат ва инчунин намояндагони ғайриҳизбӣ интихоб гардидаанд.

Чунин тарзи интихобот, гузаштан ба принсипи мутаносибию

[1] Раҳмонов Э. Нақши Шӯрои ҷамъиятӣ дар истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ, таҳкими амнияту субот ва ваҳдати миллӣ бузург аст // Садои мардум. – 2006. - № 42. - 11 апрел.

мажоритарӣ қадами қатъӣ ба сӯи бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Яке аз рӯйдоди назарраси марилаи мазкур андешида шудани тадбирҳое буд, ки ба такомулёбии раванди демократӣ мусоидат намуданд. 1 декабри соли 1999 фармони Президенти Чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ дар Ҷумҳурӣ» ба имзо расид.

«Фармони мазкур ба мақсади демократикунонии ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, тақвияти ваҳдати миллӣ ва ризоият дар ҷомеа, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, таъмини гуногунандешии сиёсӣ ва идеологӣ, иштироки озоди ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари давлатиро вазифадор сохта буд,ки барои дар амал татбиқ шудани мақсадҳои зикршуда саҳми бевосита дошта бошанд.

Дар фармон мустаҳкам намудани нақш ва мавқеи Шӯрои ҷамъиятӣ ва созмон додани шӯроҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳо ба таври хоса таъкид шуда буд»[1].

Бесабаб нест, ки 11 марти соли 2002 дар Шӯрои ҷамъиятӣ матни нави «Аҳдномаи ризояти ҷомеаи Тоҷикистонро 72 ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ҷамъиятҳои миллӣ имзо карданд.

Ҳамин тариқ, дар бунёд ва ташаккули низоми бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурӣ ҳар як марҳилаи он нақши муҳиму муассир дошта, барои густариши минбаъдаи он такони судбахш бахшиданд.

Раванди рушду такомули системаи бисёрҳизбӣ дар марҳилаи ҳозира бо раванди эъмори ҷомеаи навини демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона дар як самту ҷараёни воқеӣ ва мусоидати тарафайн амалӣ мегардад.

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикикистон, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар ҷаласаи навбатии Шӯрои ҷамъиятӣ // Садои мардум. – 2006. - 11 апрел.

*Қ. Ф.Бобоев*

# ИҶЛОСИЯИ ХУІ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – ОҒОЗИ ТАҲАВВУЛОТИ НАВИН ДАР ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

Ибтидои солҳои 90-уми асри XX барои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва алалхусус барои Тоҷикистон, ки дар ин давлати абарқудрат шомил буд, давраи ноорамии авзои иҷтимоӣ ва кашмакашҳои сиёсӣ буд. Дар ин давра, аниқтараш аз замони аз ҳам пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва паи ҳам истиқлолияти давлатии худро эълон кардани ҷумхуриҳои бародарӣ сар карда то баргузоршавии Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваҳои гуногуни мансабхоҳу маҳалпарасти намояндагони маҳалли дигарро дида наметавонистагӣ бахри зимоми давлатро ба даст гирифтан ба муборизаи ошкоро бархеста буданд, ки дар натиҷа бо кӯмаку дастгириҳои аҷнабиён мамлакат ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда буд.

Мутахассиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа Т. Раҳмонов дар хусуси ҳодисаҳои муҳимтарини ҳаёти иҷтимоиву сиёсии тоҷикони охирҳои асри XX ва ибтидои асри ХХ1 изҳори ақида намуда истода, дар қатори онҳо зикр мекунад:

«-Ба таври фоҷеанок пош хӯрдани сохти сиёсии Шӯравӣ ва худро соҳибистиқлол эълон намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар ибтидои соҳибистиқлолӣ ғайричашмдошт ба ҷанги шаҳрвандӣ табдилёбии баҳсу мунозираҳои идеявию сиёсии оғознамудаи ҷараёнҳои сиёсии навтаъсис, мунокишаҳои дохилипарлумонии вакилони мардумӣ ва гирдиҳамоиҳои дарозмуддат;
- баргузории Иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябр-декабри соли 1992) бо мақсади барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва қабули қарорҳо бобати қатъ гардонидани ҷанги бародаркушӣ;
- оғози гуфтушунид ва музокироти байни тарафҳои мухолиф бо мақсади барқарор намудани сулҳ дар қаламрави ҷумҳурӣ (1994-1997);
- баимзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 2007);
- фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва татбиқи амалии санадҳои оид ба сулҳ қабулгардида (сентябри 1997 – апрели 2000)» (1).

Ичлосияи ХУІ Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимаи дуюми ноябр ва аввали декабри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд бо мақсаде баргузор гардида буд, ки ба кашмакашҳои маҳаллӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ хотима гузошта шавад.

Дар Иҷлосия ё худ дар маҷлиси машваратии Иҷлосияи таърихӣ чанд тан аз донишмандону амалдорони давр суханронӣ намуданд. Дар миёни он суханрониҳо баромади собиқ раиси комиҷроияи вилояти ҳамонвақтаи Кӯлоб, депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон таваҷҷӯҳи бештари ҳозиринро ҷалб намуд, зеро дар он масъалагузориҳо мушаххас буданд. Дар он маърӯза аз

ҷумла омадааст: «…Мо аз комиҷроияи вилояти Ленинобод (вилояти ҳозираи Суғд – Қ.Б.) ва аҳолии шаҳри Хуҷанд хеле миннатдорем, ки онҳо тавонистанд барои гузаронидани Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи шароитро муҳайё созанд. Ҷанги шаҳрвандӣ хисороти зиёдеро ба бор оварда, сабабгори ҳалокати даҳҳо ҳазор нафар одамон гардид. Даҳсолаҳо лозим мешавад, то захму ҷароҳатҳои ин фалокат муолиҷа шаванд. Давом додани хунрезӣ беақлист ва мо ба он мекӯшем, ки дар ҳар як хонавода сулҳ ва оромӣ хукмфармо бошад. Маҳз бо ҳамин мақсади олӣ мо ба Иҷлосия омадаем» (2).

Ҳамин нутқи кӯтоҳу муассири Э.Раҳмон буд, ки аҳли маҷлис дарк карданд, ки ӯ ҳамон шахсест, ки метавонад мамлакати ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ гирифторшударо ба роҳи озоди инкишоф барорад.

Ана дар ҳамин вазъияти ноорому ҷанги ҳамватанӣ бо мақсади таъмини ҳаёти осоишта идораи давлат ба фарзанди фарзона ва барӯманди тоҷик Э.Раҳмон супорида шуд. Тамоми фаъолияти Э.Раҳмон аз дақиқаҳои аввали Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб шуданаш ба он равона шуда буд, ки ҳарчи зудтар ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима дода шавад, зеро ҳифзи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва наҷоти миллати тоҷик аз гирифтани пеши роҳи ҷанг вобастагии мустақим дошт.

Аввалин ва муҳимтарин иқдом ва хизмати таърихии сардори давлат Э.Раҳмон ҳам таъмини истиқрори сулҳи саросарӣ дар тамоми қаламрави кишвар ба ҳисоб меравад. Гуфтан мумкин аст, ки аз Иҷлосияи таърихии ХУI Шӯрои Олии Тоҷикистон сар карда рӯз аз рӯз тарафҳои муқобил иштибоҳоти хешро дарк намуда, ба хулосае омаданд, ки идомаи ҷанги шаҳрвандӣ бемаънигист. Ва ин ҷанг ғолиб нахоҳад дошт. Ҳамзамон сатҳи маданияти сиёсии мардум тахти сарварии аввал Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон ва минбаъд - аз соли 1994 ин ҷониб Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон рӯз аз рӯз баланд шуд ва таъсиру натиҷаи ҳамин маданияти воло буд, ки дар мамлакати ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ кашидашуда дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ сулҳу салоҳ барқарор гардида, ҳамаи гурезагон ба макону манзилҳои зисти доимии хеш баргардонида шуданд.

27 июни соли 1997, ки миёни ду нимаи як миллат Созишномаи сулҳи пойдор ба имзо расид, баъд аз 9 сентябри соли 1991 дар таърихи Тоҷикистон воқеаи дорои аҳамияти беназир шуморида мешавад. «Ҷанги шаҳрвандӣ, ки аз бисёр ҷиҳат таҳмилӣ буд ва дар таҳлилу хулосаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст, ба парокандашавии миллӣ ва аз байн рафтани давлати тоҷикон метавонист сабаб гардад. Вале фарҳанги ғанию табиати сулҳхоҳонаи халқи тоҷик, эҳсоси масъулият аз ҷониби қувваҳои муқобил, ирода ва ҷасорати бузурги роҳбари давлат Э.Раҳмон фарорасии сулҳу оштии миллиро тезонданд. Сулҳ ва ризоияти миллӣ хатари парокандагии миллиро аз байн бурд, асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатро устувор гардонд, Тоҷикистонро чун мактаби таҷрибаи сулҳофарин ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд» (3).

Сабаби муваффақияти мо дар он буд, ки баҳри ба даст овардани сулҳи

пойдор давлат дар сиёсати худ комилан ба таърихи миллат, ҳуввият ва хусусияти миллӣ такя намуда, барои расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ собитқадамона кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода шуд. «Раванди оштии миллӣ дар Тоҷикистон бисиёрҷабҳа ва пурзиддият буд, - хотиррасон мекунад доктори илмҳои фалсафа К. Олимов, ки раисии бахши Комиссияи оштии миллиро ба зимма дошта, дар созиши тарафҳо хизмати муайянеро анҷом додааст. – Бисёрҷабҳагии ихтилоф дар он ифода меёбад, ки дар он қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва динии бо нишондоди ҷаҳонбинӣ ва мақсадҳои сиёсии худ фарқкунанда кашида шуда буданд. Мураккабии раванд ва тӯл кашидани мӯҳлати ҳалли ихтилоф ба дараҷаи зиёд ба он вобаста буд, ки он аз худи ибтидояш хусусияти муқовимати яроқнокро касб карда буд. Аз ин рӯ, дар рафти гуфтушунид бо мақсади наздик кардани мавқеъҳо кор карда баромадани шарти ҳар ду ҷонибро қонеъ кунанда кӯшиш ва вақти зиёде сарф карда шуд» (4).

Ҷон гирифтани ташаббускории шаҳрвандон ва бомаром рушд ёфтани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мамлакати ҷангзада аз таҳаввулоти дигари навин дарак медиҳад, ки бевосита ба иҷлосияи тақдирсози ХУI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад.

Ба таъсири манфии ҷанги гражданӣ ба инкишофи ташаббускории шаҳрвандон нигоҳ накарда дар Тоҷикистон чун дар ҷумҳуриҳои дигари собиқ шӯравӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ тавлид мешавад ва ташаккул меёбад. Таҳти мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ сохтори мураккаби хоҷагидорӣ, иқтисодӣ, оилавӣ-авлодӣ, этникӣ, муносибатҳои динӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқии дар ҷомеа ривоҷёбанда, инчунин муносибатҳои сиёсии миёни субъектҳои ҷудогонаи давлатӣ ва ҳизбии ташаккулёбанда фаҳмида мешавад (5).

Рушд ёфтани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва низоми бисёрҳизбӣ аз дастовардҳои беназири мо дар тӯли солҳои истиқлолият мебошад. Ҳоло дар натиҷаи демократикунонии ҷомеаи Тоҷикистон системаи сиёсии ҷомеа таҷдид шуда, дар натиҷа як силсила ҳизбҳои нави сиёсӣ – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон, Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби Демократии Тоҷикистон, Ҳизби Сотсиал-демократии Тоҷикистон, Ҳизби Аграрии Тоҷикистон ва Ҳизби Ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон пайдо шудаанд ва дар ҳамаи маъракаҳои маърифативу сиёсии мамлакат ширкат меварзанд. Онҳо имрӯз ба қувваи озоди сиёсӣ дар ҳаёти ҷомеа табдил ёфтаанд ва ҳар кадомашон мувофиқи Конститутсия ҳуқуқ доранд, ки дар маъракаҳои интихоботии кишвар иштирок намоянд ва намояндагони хешро ба органи олии қонунбарори мамлакат пешбарӣ кунанд ва агар халқ ҷонибдорӣ намояд, интихоб ҳам мешаванд. Дастовард, бартарӣ ва муваффақияти мо тоҷикон дар ин маврид аз он иборат аст, ки ба ҳизби характери динӣ дошта низ имконияти фаъолияти озодона додаем. Намояндагони Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон на танҳо дар органҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ иштирок

мекунанд, балки дар органи олии қонунбарори мамлакат – Парлумон низ намояндагӣ доранд. Ҳукумати Тоҷикистон барои мулоим кардани муносибати тарафайни диндорону дунявиён то ба дараҷаи созиш додани онон заҳмати зиёд кашидааст. Он созише, ки дар Тоҷикистон миёни сохтори сиёсии исломӣ ва дунявӣ ба даст оварда шудааст, на танҳо барои давлати мо, балки барои тамоми давлатҳои минтақа, дорои аҳамияти калон мебошад.

«Ҳадафҳои муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ, - меояд дар Паёми Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, - ва мардуми тоҷик фарҳанги ягонагӣ, фарҳанги сулҳу субот ва созандагӣ, таҳаммул ва инсондустӣ, фарҳанги таъмини волоияти қонун, эҳтирому риояи ҳуқуқҳои инсон ва хулоса фарҳанги демократия мебошад» (6).

Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон бо ҳисси қаноатмандӣ аз муваффақиятҳои ба даст омада дар роҳи демократикунонии мамлакат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии кишвар изҳори ақида намуда, аз ҷумла чунин гуфт: «Мардуми Тоҷикистон бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро мақсади асосии худ муайян кардааст. Бо дарки ин ҳадаф, мо бояд дар ин роҳ қадамҳои устувор гузошта, барои боз ҳам васеътар ворид гардидани унсурҳои демократияи муосир дар ҷомеа шароит фароҳам оварем. Дар ин самт нақш ва мавқеи интихобот чун унсури таъминкунандаи иштироки бевоситаи мардум ба идораи давлат ва бо ҳамин усул муайян намудани сарнавишти имрӯзу ояндаи хеш хеле муҳим мебошад. Бо вуҷуди он ки қонуни амалкунандаи интихоботи Парламенти Тоҷикистон дар натиҷаи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва бо иштироки бевоситаи намояндагони созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, давлатҳои нозири сулҳи тоҷикон ва ҳизбҳои сиёсӣ таҳия шуда буд, таҷрибаи панҷсолаи амали қонуни интихобот ва дигаргуниҳои сиёсии дар ҷомеа бавуқӯъомада имрӯз зарурати такмили онро пеш оварданд. Воқеан, қонуни интихобот бояд арзишҳои аз тарафи умум эътирофшудаи муосир ва ҷомеаи демократиро дарбар гирад» (7).

Бо саъю талоши сардори давлат Э.Раҳмон дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ сулҳу салоҳ миёни тарафҳои даргир устувор гашт ва солҳои 1997-1998 аллакай қувват гирифтани нуфузи давлат дар сар то сари мамлакат ҳис карда шуд, ки ин ҳодиса низ ҳамчун як таҳаввулоти нав дар системаи сиёсии тоҷикон маҳсуб мешавад, ки он ҳам бевосита бо иқдомоти иҷлосияи таърихии ХУІ Шӯрои Олии Тоҷикистон вобаста мебошад. Ин раванд, пеш аз ҳама, бо чунин сабабҳои объективӣ, ба мисли рӯз аз рӯз заифшавии қувваҳои иртиҷоиву бадхоҳи ҷамъиятӣ, аз тарафи оммаҳои васеи мардум бештар дарк намудани зарурати ҳарчи зудтар паси сар кардани ихтилофоти дар тафаккури одамон аз давраи ҷанг боқимонда ва рӯзмаррагии масъалаҳои ташаккули сохтори нави иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки мақоми давлат ва алалхусус, роҳбарияти онро дар марҳалаи имрӯза афзоёнда метавонад, асоснок карда мешавад.

Роҳбарияти сиёсии мамлакат новобаста аз банд буданаш ба ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷаи вобаста ба истиқрор ва ҳифзи сулҳ, ба ватан

баргардонидани гурезагон, ҷой ба ҷой намудан ва таъмини амнияти онҳо, ба саривақт гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ низ ҳамчун яке аз таҳаввулоти муҳимтарин дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар, ки бевосита ба Иҷлосияи ХУI Шӯрои Олии Тоҷикистон вобаста мебошад, таваҷҷӯҳи саривақтӣ дод. Ба давлати мо лозим омад, ки дар як муддати кӯтоҳ ва дар вазъияту фазои ноором маҷмӯи масъалаҳои мураккаби шакливазкунии иқтисодӣ, сохтмони давлатӣ, таҳкими демократияи конститутсионӣ ва ғайраҳоро, ки ҷумҳуриҳои дигари бародарӣ дар фазои орому осоишта ҳаллу фасл намуданд, ҳаллу фасл намояд. Воқеан, Ҳукумати Тоҷикистон таҳти сарварии оқилона ва хирадмандонаи Э.Раҳмон дар давраи мураккаби вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ба ислоҳоти босуръати иқтисодӣ такон дода, барои инкишофи он ҳарчи бештар ба сармояи хориҷӣ рӯ овард. Дар натиҷа, иқтисодиёти дар замони ҷанги бемаънӣ харобгаштаи мамлакат бомаром рӯ ба инкишоф меорад, давлат баҳри ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ дасти кӯмак дароз мекунад, нафақа ва маоши кормандони соҳаҳои буҷавӣ бомаром меафзояд.

Яке аз таҳаввулоти дигаре, ки аз Иҷлосияи таърихии ХУI Шӯрои Олии мамлакат бармеояд, гузаштан ба идораи Президентӣ дар Тоҷикистон ва ноил шудан ба устувории ҳаёти сиёсӣ дар ҷумҳурӣ буд. Бо мақсади муайян намудани аҳамияти институти нави сиёсӣ лозим меояд, ки раванди пайдоиши он дар ҷараёни таърихӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Тоҷикистон мисли ҷумҳуриҳои дигари ИДМ дар замоне истиқлолият касб намуд, ки собиқ СССР бӯҳрони умумии амиқро аз сар мегузаронид ва моҳиятан ба омили ҷиддии ноустуворӣ дар миқёси байналхалқӣ табдил ёфта буд. Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи собиқ Шӯравӣ як ҷумҳурии қафомонда буд, ки дар он низоми фармонравоӣ даҳсолаҳо ҳукмфармоӣ намуда садди роҳи аниқ муайян ва фарқ кардани салоҳияти сохтори давлатӣ гардида буд. Аз миён рафтани мамлакати бузурги аз шаш як ҳиссаи хушкии рӯи заминро иҳотакунанда чи дар соҳаи сиёсӣ ва чи дар иқтисодиёт ба нуқсони ҷиддӣ оварда расонид.

Ҳамин тавр, кӯшиши ҷорӣ кардани институти президентӣ бо мақсади мустаҳкам кардани ҳокимияти давлатӣ хуб буд. Президент, ки бо боварии аҳолӣ фаро гирифта мешавад, барои пеш гирифтани икдоми саривақтӣ ва далерона чи дар соҳаи сиёсати дохилӣ ва чи дар соҳаи сиёсати хориҷӣ даъват шудааст. Дар ин маврид интихоби секаратаи Э.Раҳмон дар ин мақоми олии Тоҷикистон ва пеш бурдани сиёсати дохиливу хориҷии давлат аз ҷониби вай мақому манзалати мамлакатро дар арсаи байналхалқӣ боло бардошт. Ҷомеаи ҷаҳонӣ давлати моро аз ҷиҳатҳои мусбӣ шинохт. Суханрониҳои пурмӯҳтавои сардори давлати мо аз минбарҳои СММ, таклифу пешниҳодҳои ӯ баҳри пайдо кардани роҳҳои ҳаллу фасли масъалаҳои мураккаби байналхалқӣ ва мушкилоти давлати Афғонистон на танҳо ба Тоҷикистону Афғонистон, балки барои ҷомеаи башарӣ аҳамияти калон доштанд.

Гуфтан мумкин аст, ки худи бо Афғонистон барқарор кардани робитаҳои қавии фарҳангиву тиҷоратӣ яке аз самтҳои наве дар фаъолияти

давлату миллати мо мебошад, ки бесобиқа аст ва он низ бевосита ба Иҷлосияи ХУІ Шӯрои Олии Тоҷикистон алоқаманд аст. Чунин ҳамкорӣ ба манфиати ботинии инкишофи иқтисодиву фарҳангии мо ва миллатҳову давлатҳои дигари минтақа мусоидат хоҳад кард.

Аз рӯзи ба имзо расидани созишномаи сулҳи тоҷикон сар карда то кунун ҳаёти сиёсии мамлакат сол аз сол рӯ ба осоиш, беҳбудӣ ва устуворӣ ниҳод ва имконият фароҳам омад, ки хукумат бахри иҷрои барномаҳои иҷтимоиву иқтисодии барои миллат ҳаётан муҳим камар бубандад.

Ба нақша гирифтан ва иҷро намудани барномаҳои бузурги дорои аҳамияти умумимиллӣ, ба мисли саривақт ба истифода додани иншооти коммуникатсионӣ, алалхусус туннели Анзоб аз ҷумлаи ҳамон муждаҳоест, ки аз Иҷлосияи ХУІ Шӯрои Олии мамлакат манша мегирад. Онҳо ба пешрафти кулли соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат такон хоҳанд дод.

Агар дар хусуси барномаҳои бузурги дорои аҳамияти умумимиллӣ каме муфассалтар ҳарф занем, пештар аз ҳама, дар мавриди рушд додани соҳаҳои энергетика ва роҳсозӣ баҳс намудан зарур меояд. Соли 2004 дар бахши инкишофи соҳаи энергетика як қатор тадбирҳои умедбахш рӯй доданд, ки амалӣ гардидани онҳо истиқлолияти энергетикии мамлакатро пурра таъмин намуда, инкишофи иқтисодиву иҷтимоии вайро ба зинаи сифатан нав хохад бардошт.

Дар мавриди бунёди иншоотҳои мухимми коммуникатсионӣ бошад, Ҳукумати Тоҷикистон барои сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард бо ҷалби институтҳои молиявӣ 11 лоиҳаи сармоягузориро ба маблағи 354 миллион сомонӣ амалӣ карда истодааст. Таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Курғонтеппа-Кӯлоб, марҳилаи аввали сохтмони роҳи Шоҳон-Зиғар, Шикев-Зиғар дар соли 2005 тибқи нақшаи пешакӣ муайяншуда бомуваффақият анҷом пазируфт. Ин роҳ ба сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон имкон медиҳад, ки бо маркази мамлакат солона бемалол рафтуомад дошта бошанд. Дар арафаи иди Наврӯзи 2006 мужда расид, ки сохтмони туннели Анзоб саривақт ба анҷом расонида шуд ва 23 марти соли гузашта он расман мавриди истифода қарор дода шуд. Ғайр аз ин, алҳол марҳалаи якуми таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Саритош бомуваффақият ба итмом расида, корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони марҳилаи дуюму сеюми он шурӯъ шудааст. Дар шоҳроҳи Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Қулма сохтмони туннели автомобилгарди Шар-Шар бомуваффақият идома дорад. Дар айни замон як пул аз болои дарёи Панҷ, ки Тоҷикистону Афғонистонро ба ҳам мепайвандад, ба истифода дода шуда, сохтмони боз чор кӯпрӯк дар мавзеъҳои Фархору Шӯробод ва Ишкошим, ки тавассути каламрави Афғонистон ба бозорҳои нав ва бандарҳои ҷаҳонӣ баромадани моро таъмин месозанд, идома доранд (7).

Хулласи калом, Иҷлосияи ХУІ Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як силсила иқдоми навин, ба мисли ба даст омадани сулҳу салоҳ дар мамлакат, суботи сиёсӣ, ривоҷи ҷомеаи шаҳрвандӣ, низоми бисёрҳизбӣ, болоравии

дараҷаи фаъолнокии оммаҳои васеи аҳолӣ дар маъракаҳои сиёсӣ ва иҷрои барномаҳои бузурги иқтисодиву коммуникатсионии дорои аҳамияти умумимиллӣ ибтидо гузошт. Умед аст, ки ин дастовардҳо дар даҳсолаҳои минбаъда ҳифз шуда, онҳо боз ба зинаи сифатан нав бардошта мешаванд ва бо ҳамин дар пешрафти иқтисодиву фарҳангии мамлакат такони бузурге дода мешавад.

## Адабиёт


1. Раҳмонов Т. Назаре ба моҳияти таърихӣ ва қарорҳои сулҳовари он. (Ба истиқболи 15-солагии Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) // Тоҷикистон. – 2007. - № 9-10. - С. 8.

2. Иқтибос аз китоби Бунёди давлатдории навин., – М.: Радуница, 2002. – С.34-35.

3. Олимов К. Дастоварди бузурги таърихӣ // Роҳи ибратомӯз (Маводи семинари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши музокироти тоҷикон дар истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ»). - Душанбе: Шарқи озод, 2004. - С. 3.

4. Муфассал нигаред: Олимов К. Уроки межтаджикского конфликта и перспективы мирного процесса в Таджикистане. Дар китоби: Зайферт А. К., Крайкемайер А., О совместимости политического ислама и безопасность в пространстве ОБСЕ. – Душанбе, 2003. – С. 119.

5. Ниг.: Пугачев В.П., Соловьев А.И., Введение в политологию. – М.,1995. – С. 195.

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Садои мардум. – 2004. - 1 май.

7. Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 апрели соли 2005. // Ҷумҳурият. – 2005. - № 44 (20 963).

## СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

**Ахмедов Джабор –** депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан

**Бобоев Курбонбой Фозилович –** главный специалист управления исследований политических и этнополитических процессов Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, кандидат философских наук

**Зикиров Хобил Хаиталиевич –** преподаватель кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета им. К. Ш. Джураева

**Камаров Бахор Кутбиддинович** – заместитель начальника управления исследований проблем предпринимательства и развития частного сектора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

**Кахаров Гаюр Гафурович –** главный специалист управления по разработке национальной стратегии и экономических программ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, кандидат социологических наук

**Мадамиджанова Зухра Мадамиджановна –** начальник управления исследований политических и этнополитических процессов Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук

**Мадумаров Улугбек Якубджанович –** начальник управления исследований проблем предпринимательства и развития частного сектора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

**Нажмиддинов Акрам Юсупович** – старший преподаватель кафедры финансов и кредита Института предпринимательства и сервиса

**Рахмонов Тагай** – главный специалист управления исследований политических и этнополитических процессов Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, доцент, заслуженный работник Республики Таджикистан

**Саибназарова Саодатсултон** - начальник управления исследований проблем отраслевого развития Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, кандидат экономических наук, заслуженный работник Республики Таджикистан
**Сафаров Сайфулло Садулоевич –** заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, кандидат философских наук

**Шамолов Абдулвахид Абдуллаевич –** начальник управления по разработке национальной стратегии и экономических программ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, доктор философских наук

**Ятимов Саймумин Сатторович –** Чрезвычайный и Полномочный Посол Республики Таджикистан в Королевстве Бельгия

# ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

***Уважаемые авторы!***

1. В Вестнике Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан «Таджикистан и современный мир» печатаются статьи по экономическим и политическим проблемам, которые являются результатами научно – исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций.

2. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

3. Объем статьи не должен превышать 0,5 печатного листа (10 машинописных страниц), включая рисунки и таблицы. Текст статьи на таджикском или русском языке представляется редакционной коллегии в виде файла на дискете и бумажном носителе в текстовом редакторе MS Word шрифт Times New Roman Tj 12 пт, на таджикском языке в редакторе TadWin 95.

4. Статья должна начинаться фамилией и инициалами автора, затем следует прописными буквами название статьи. Ссылки на использованные источники располагаются в конце статьи в порядке появления их в тексте. При оформлении сносок следует указывать:

- для книг – фамилию и инициалы автора, полное название книги, номер тома, место издания, издательство, год издания, страницу;
- для журнальных статей и сборников - фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для журнала), номер тома, место издания, издательство, год издания и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

5. В конце статьи необходимо представить следующие сведения:

- об авторе: фамилия, имя, отчество (полностью);
- должность, место работы;
- ученая степень, ученое звание;
- номер контактных телефонов.
- Текст статьи должен быть окончательным, тщательно подготовлен и выверен автором.

6. На отдельной странице прилагается резюме (краткое изложение сути статьи с указанием новизны и актуальности).

7. В случае несоблюдения вышеуказанных правил для авторов, статьи не будут опубликованы.

**Сармуҳаррир**
*Сӯҳроб Шарипов*

**Ҷонишини сармуҳаррир**
*Сайфулло Сафаров*

**Муҳаррирони масъул**
*Сафаров С.С., Бобокалонов О.К.*

**Муҳаррирон:**
*Ба забони тоҷикӣ Ватаншоева Н.*
*Ба забони русӣ Шаева Г.В., Кухно А.Е.*
*Ба забони англисӣ Шодиев Ҳ.А.*

**Масъули техникӣ**
*Разыкова Т.А.*

**Главный редактор**
*Сухроб Шарипов*

**Заместитель главного редактора**
*Сайфулло Сафаров*

**Ответственные редакторы:**
*Сафаров С.С., Бобокалонов О.К.*

**Редакторы:**
*На таджикском языке Ватаншоева Н.*
*На русском языке Шаева Г.В., Кухно А.Е.*
*На английском языке Шодиев Х.А.*

**Технический редактор**
*Разыкова Т.А.*